**ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ҚАРОР**

Дар бораи Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040

Мутобиқи моддаҳои 4 ва 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 ва Нақшаи амали солҳои 2023-2025-и Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо дар доираи маблағҳои пешбинигардидаи буҷети давлатӣ ва сарчашмаҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, ҷиҳати амалисозии Стратегияи мазкур ва Нақшаи амали он тадбирҳои мушаххас андешида, аз натиҷаи онҳо ҳар сол то 15 феврал ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

3. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол то 1 март ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи чораёни амалисозии Стратегияи мазкур ва Нақшаи амали он маълумот пешниҳод намояд.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон　　　　Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе,

**Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040**

## *1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ*

1. Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 (минбаъд - Стратегия) мақсад ва вазифаҳо, таҳлили вазъи кунунӣ, мушкилот, нишондиҳандаҳо, самтҳои асосӣ ва механизмҳои амалисозии сиёсати давлатии муҳоҷиратии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунад.

2. Стратегия иқдомоти муҳимми иқтисодию иҷтимоӣ барои Тоҷикистон ба шумор рафта, барои иҷрои ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар самти муҳоҷират, бо инобати шароити имрӯзаи муҳоҷират, тамоюлҳои мусбии устувор, рушди алтернативӣ, дурнамо ва сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар, таҷрибаи омӯхташуда аз амалисозии Стратегияи миллии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа барои солҳои 2011-2015, Консепсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ва Консепсияи сиёсати давлатии муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

3. Стратегия маҷмуи мақсадҳо, самтҳо ва масъалаҳои афзалиятноки танзими равандҳои муҳоҷиратро дар бар гирифта, шаклу усулҳои амалисозии онҳоро дар асоси таҳлили омилҳои устувор пешбинӣ менамояд. Бо дар назар доштани омилҳои дохилӣ ва берунӣ он ба муайян намудани мушкилоти мубрами бақайдгирии вазъи муҳоҷират, роҳҳои рушди онҳо ва пешгӯии натиҷаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ равона гардида, таҳия ва амалисозии чорабиниҳои зарурӣ оид ба самтҳои нисбатан мубрами стратегӣ барои дурнамои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлатро пешбинӣ менамояд.

## *2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ КУНУНӢ ВА МУШКИЛОТИ АСОСӢ ДАР САМТИ МУҲОҶИРАТ*

### §1. Таҳлили вазъи кунунӣ ва мушкилоти мубрами муҳоҷирати муосир

4. Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳоҷират ҷузъи сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар буда, маҷмуи чорабиниҳоест, ки ба танзим ва идоракунии давлатии равандҳои муҳоҷират нигаронида шудаанд. Тоҷикистон ба мисли бисёр кишварҳои хориҷаи дуру наздик муҳоҷирати аҳолиро яке аз василаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва инноватсионии кишвар медонад. Дар асоси ин, сиёсати давлатӣ дар самти муҳоҷират асосноккунии ҳадафҳо ва вазифаҳои асосиеро, ки ба рушди устувори иқтисодӣ, таҳкими амнияти давлатии кишвар, таъмини шароити зарурӣ барои амалисозии ҳуқуқҳои муҳоҷирон, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, урфу одатҳо, хусусиятҳои таърихӣ ва фарҳангии аҳолии Тоҷикистон мусоидат мекунад, пешбинӣ менамояд.

5. Дар баробари афзоиши аҳолӣ, талабот ба ғизо, манзил, заминҳои кишоварзӣ, таъминоти об, иншооти энергетикӣ, инчунин ҷойҳои корӣ меафзояд. Афзоиши

аҳолӣ, хусусан дар деҳот, дастрасӣ ба захираҳоро камтар мекунад, зеро 93 фоизи ҳудуди Тоҷикистонро кӯҳистон ташкил медиҳад. Зичии аҳолӣ дар маҳалҳо ва водиҳо меафзояд ва афзоиши босуръати аҳолӣ фишорро ба бозори меҳнат вусъат дода, теъдоди муайяни одамонро бинобар набудани ҷойҳои корӣ, камбизоатӣ ва ғайра водор мекунад, ки ба хориҷи кишвар сафар намоянд.
6. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон расман 5 намуди муҳоҷирати аҳолӣ амал мекунад, ки аз рӯйи онҳо ҳисоботи омории давлатӣ гузаронида мешавад ва заминаи меъёрии ҳуқуқии дахлдор доранд:
- муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа;
- муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ);
- муҳоҷирати экологӣ;
- муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муҳоҷирати шахсони гуреза ва паноҳҷӯянда ба Ҷумҳурии Тоҷикистон.
7. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои муҳоҷирати меҳнатии наздисарҳадӣ, муҳоҷирати оилавӣ ва муҳоҷирати дастаҷамъӣ заминаи ҳуқуқӣ мавҷуд аст, ки то ҳол ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд ва таъминоти ҳуқуқии онҳо такмилро тақозо менамояд.
8. Муҳоҷирати меҳнатии беруна омиле гардид, ки ба низоми таъминоти зиндагии шумораи кофии оилаҳо дар Тоҷикистон таъсири ҳалкунанда мерасонад. Дар баробари ин, оқибатҳои мусбат ва манфии ин падида ҷиддӣ эҳсос карда мешаванд.
9. Дар Тоҷикистон ҷанбаҳои дигари равандҳои муҳоҷират, аз қабили шаҳришавӣ, муҳоҷирати байниминтақавӣ, муҳоҷирати дохилии ихтиёрӣ аз минтақаҳои кӯҳӣ ва сераҳолӣ ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ, кӯчонидани пай дар пай аз мавзеъҳои хавфи экологидошта ба ҷойҳои бехафв ба назар мерасанд, аммо ҳаҷми ин равандҳоро бо муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа муқоиса кардан ғайриимкон аст.
10. Вазъи баамаломада ва миқёси муҳоҷирати дохилӣ баробарии минтақавии демографӣ ва тақсимоти оқилонаи аҳолиро дар саросари кишвар халалдор месозад. Аз ҳад зиёд ҷойгиршавии аҳолӣ дар марказҳои хурди алоҳида ва агломератсияҳои шаҳрҳо, ки маҳдудияти иҷтимоию иқтисодӣ, минтақавӣ ва инфрасохторию коммуникатсионӣ доранд, боиси зиёд шудани шумораи аҳолии онҳо, афзудани шиддати иҷтимоӣ ва фишороварӣ ба бозори меҳнати онҳо мегардад. Аз ин рӯ, яке аз масъалаҳои мубрам барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи кунунӣ таъмини муҳоҷирати бехатар, бонизом ва қонунӣ маҳсуб мeёбад.
11. Бинобар хусусияти ноустувори динамикаи рушди бахши воқеии иқтисодиёт, хусусан дар давраи бемории пандемияи COVID-19 ва паёмадҳои дигари номатлуб вазъ дар бозори меҳнати дохилӣ шиддат гирифта, бенизомӣ дар равандҳои муҳоҷират ба бесуботии вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва афзоиши шиддати иҷтимоӣ оварда расонид.
12. Дар муҳоҷирати байнидавлатӣ, дар маҷмуъ, тамоюли устувори хуруҷи аҳолӣ аз ҳудуди ҷумҳурӣ ба мушоҳида мерасад, ки хусусияти номатлуб дорад ва ин ҳолат махсусан дар соли 2019 мушоҳида гардидааст.

13. Натиҷаҳои умумии муҳоҷирати байнидавлатии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2021 мутобиқи замимаи 1 муайян гардидааст.
14. Шумораи аз кишвар беруншудагон нисбат ба шумораи воридшудагон якчанд маротиба зиёдтар аст, ки ин Тоҷикистонро ба яке аз кишварҳои донорҳои устувори кадрҳои талаботдошта табдил дод. Масъалаи мазкур боиси кам шудани қувваи кории босифат ва дар натиҷа коҳиш ёфтани иқтидори илмӣ, зеҳнӣ, инчунин иқтисоди ҷумҳурӣ гардид.
15. Чун қоида, муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷи кишвар дар асоси ташаббуси шахсии худи муҳоҷирон ва дарёфти шуғл дар давлатҳои қабулкунанда амалӣ карда мешавад. Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, раванди дурусту муташаккилонаи муҳоҷират, хусусан дар робита бо муҳоҷирати меҳнатии беруна, такони қавӣ барои рушди иқтисодии кишвар мегардад ва ҳамзамон ҳаракати беихтиёронаро дар бозори миллии меҳнат пешгирӣ мекунад.
16. Раванди муҳоҷират оқибатҳои мусбат ва манфӣ низ дорад. Дар байни ҷанбаҳои мусбати раванди муҳоҷират беҳтар шудани тавозуни пардохт дар кишварро аз ҳисоби интиқоли пул, ҳалли мушкилоти бекорӣ, афзоиши талаботи самараноки аҳолӣ, болоравии нерӯи инсонӣ ва тахассуси коргарон ва ғайра қайд кардан мумкин аст. Аз ин лиҳоз, вазифаи асосии давлат дар идоракунии равандҳои муҳоҷират ба ҳадди ҷанбаҳои мусбати он расонидан ва кам кардани оқибатҳои манфии он мебошад.
17. Яке аз ҷанбаҳои манфии муҳоҷирати меҳнатии беруна ин аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатии ба хориҷа сафаркардашуда монда рафтани оилаҳои худ дар дохили Тоҷикистон, хусусан ҳамсарон ва фарзандони онҳо ба шумор меравад. Маврид ба зикр аст, ки шумораи муайяни муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҳисоби мардон баъди ба хориҷа барои кор рафтан дар кишвари бокортаъминкунанда оилаи нав ташкил карда, ба оилаи худ дар Тоҷикистон дигар кумак намекунанд ва ё аз онҳо ҷудо мешаванд. Дар натиҷа садҳо оилаҳои тоҷик вайрон гардида, онҳо аз манбаи асосии таъминоти пулию моддӣ маҳрум мемонанд ва ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ дохил мешаванд. Дар ин раванд кӯдакони чунин оилаҳо бештар ба ҳолати камбизоатӣ ва осебпазирӣ дучор мегарданд.
18. Ҳаракати танзимнашавандаи аҳолӣ ба хориҷа бо мақсади дарёфти шуғли муносиб ва манбаи даромад боиси нигаронии махсус мебошад. Шумораи зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ ба Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Қазоқистон сафар мекунанд.
19. Муҳоҷирати мавсимии шаҳрвандони Тоҷикистон дар кишварҳои дигар барои корҳои кишоварзӣ ва сохтмон низ васеъ паҳн шудааст. Айни замон, воридоти маблағҳои муҳоҷирони меҳнатии беруна ба ҷумҳурӣ ягона манбаи зиндагии бисёр оилаҳо мебошад. Ин омил ҳамчун кумаки назарраси молиявӣ хидмат мекунад, ки пастравии сатҳи зиндагии тамоми аҳолӣ, камбизоатии васеъро бозмедорад ва ҳамчун манбаи иловагӣ ва сарчашмаи даромади асъор дар ҷумҳурӣ хизмат мекунад.
20. Дар давраи солҳои 2014-2021 тамоюли муайяни пастравӣ дар муҳоҷирати меҳнатии хориҷии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар мерасад, ки

яке аз сабабҳои он амалисозии таҳримҳои иқтисодии Иёлоти Муттаҳидаи Америка ва кишварҳои Иттиҳоди Аврупо нисбат ба Федератсияи Россия алоқаманд аст. Дар натиҷа, соҳаи иқтисоди Федератсияи Россия зарари ҷиддии молиявӣ дида, бисёр ҷойҳои корӣ ва қурби рубли русӣ коҳиш ёфт ва як қатор мушкилоти дигари иқтисодӣ, ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба Россия таъсир расонидааст.

21. Федератсияи Россия дар соли 2013 низоми нави компютериро барои муайян кардани шаҳрвандони хориҷие, ки қонунгузории ин кишварро ҳангоми будубош дар ҳудуди он вайрон кардаанд, ҷорӣ намуд. Ин категорияи шаҳрвандони хориҷӣ ба рӯйхати "мамнуъшудагон" шомил карда шудаанд ва онҳо тибқи тартиби муқарраршуда мустақилона ҳудуди Федератсияи Россияро бояд тарк кунанд. Дар акси ҳол, шаҳрвандони хориҷӣ бояд бо депортатсия ё ихроҷ бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи вуруд ба Федератсияи Россия ба муҳлати аз 3 то 5 сол ва дар ҳолатҳои махсус то 10 сол дода мешаванд. Ин таҳримот ва тағйирот дар қонунгузории Россия дар самти муҳоҷират боис шуд, ки шумораи муҳоҷирони кории Тоҷикистон дар ҳудуди Россия беш аз 30 фоиз коҳиш ёбад.

22. Таносуби шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои кор ба хориҷа рафтаанд ва шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки вурудашон манъ мебошад, дар солҳои 2014-2022 мутобиқи замимаи 2 муайян гардидааст.

23. Ҳолати ғайрирасмӣ мондан ва кор кардани ҳиссаи назаррас ва таркиби захираҳои меҳнатии ҷумҳурӣ дар хориҷа, ки махсусан васеъ паҳн шудааст, муҳоҷирони меҳнатии зиёдеро ба осебпазирӣ ва ноамнии иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ дучор меорад. Вазъияти бавуҷудомада оид ба ҳузури зиёди муҳоҷирони ватанӣ дар хориҷа, ки қонунгузории меҳнат, андоз ва муҳоҷиратро риоя намекунанд, боиси бесаранҷомӣ ва нигаронии зиёд дар кишварҳои воридшаванда мегардад ва онҳоро водор месозад, ки то берун кардан аз ҳудуди давлаташон чораҳои муносиб андешанд.

24. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар паҳншавӣ ва афзоиш ёфтани категорияҳои муҳоҷирони зери хатар қарордошта, пайдошавии интиқоли ғайрирасмии шаҳрвандон, савдои одамон, ҷалб шудан ба созмонҳои экстремистӣ-террористӣ истисно намебошад. Дар аксарияти ҳолатҳо, қишри нисбатан осебпазир ҷавонони синну соли аз 18 то 29-сола маҳсуб меёбанд, ки бесаранҷомиҳои оилавӣ надоранд, вале ҷаҳонбинии танг, сатҳи пасти таҳсилоти умумӣ ва маърифати динидошта, дар бораи меъёрҳои ахлоқӣ ва принсипҳои зиндагӣ наандешида, кӯшиш мекунанд дар як муддати кӯтоҳ соҳиби пулу моли зиёд гарданд. Ин омилҳо ба таҳким ва амиқ гардидани тамоюлҳои номусоид мусоидат мекунанд, ки вазъи кунунии муҳоҷиратро ташаккул медиҳанд. Аз ин рӯ, барои пешгирии таъсири манфии он ба рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ зарур аст, ки барномаҳо, равишҳо ва механизмҳои амалисозии ҳам дар равандҳои муҳоҷират ва ҳам дар муайян кардани соҳаҳои марбута таҳия карда шаванд.

## §2. Муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа

25. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти ҳаллу фасл намудани мушкилотро дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ дарк намуда, ба амалисозии фаъолонаи тадбирҳои танзим намудани равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа шурӯъ кард. Дар ҷумҳурӣ аз соли 1998 инҷониб барои фароҳам овардани заминаи дахлдори меъёрии ҳуқуқӣ дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ тадбирҳо андешида мешаванд, ки неруи мақомоти пешбарандаи ин раванд, ҳам дар дохил ва хориҷи кишвар рушд мекунад. Масалан, дар ҳудуди Федератсияи Россия ҳамчун давлати асосии қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон, аз соли 2001 Намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муҳоҷират фаъолият мекунад, ки барои ҳалли мушкилот оид ба будубоши муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия дар ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдори давлати иқомат чораҳо меандешад.

26. Дар ин давра Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муҳоҷират" соли 1999, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 октябри соли 1998, № 411 "Дар бораи Консепсияи сиёсати давлатии муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2001, № 242 "Дар бораи Консепсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2010, № 277 "Дар бораи Консепсияи ҷалби ҳамватанони бурунмарзӣ ҳамчун шарикони рушди кишвар" бо нақшаи чорабиниҳои дахлдор оид ба амалисозии Консепсияи мазкур, инчунин як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ қабул карда шуданд.

27. Дар асоси қонунгузории қабулшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, заминаҳои муҳоҷирати меҳнатии беруна, асосҳои муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони кишвар дар хориҷа, зарурат ва ҳадафҳои асосии сиёсати муҳоҷирати меҳнатии беруна, ҳадафҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва стратегии давлат, мундариҷа ва роҳҳои амалисозии сиёсати муҳоҷирати меҳнатии беруна, инчунин масъалаҳои ҳавасмандгардонии муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ тавассути ташкили низоми ҳавасмандгардонии қувваи корӣ ба шуғли беруна муайян карда шуданд. Иштироки диаспораҳо, ҳамватанони бурунмарзӣ ва муҳоҷирони меҳнатӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии давлат яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати шуғли аҳолӣ тавассути ташкили ҷойҳои нави корӣ ва паст кардани сатҳи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандон ба хориҷа мебошад.

28. Соҳаи муҳоҷирати меҳнатиро баррасӣ намуда, мушкилоти иҷтимоию ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо, сатҳи номуносиби маълумотнокии касбии муҳоҷирон ва низоми муассисаҳои таълимӣ дар самти тайёр намудани касбҳои коргарӣ, масъалаҳои бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, мушкилоти диаспораҳо ва ҳамватанони бурунмарзӣ, тақвият бахшидани фаъолияти намояндагӣ оид ба масъалаҳои муҳоҷират дар хориҷа ва агентии бокортаъминкунӣ дар хориҷа, муҳоҷирати ғайрирасмӣ, масъалаҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ, ҳолати қонунгузории муҳоҷират ва бисёр мушкилоти дигаре, ки онҳо шабака ва низоми васеи ҷаҳонии муҳоҷирати меҳнатиро ташкил медиҳанд, сарфи назар кардан мумкин нест.

29. Ҷумҳурии Тоҷикистон мақсад дорад созишномаҳои байниҳукуматиро дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ бо он давлатҳое, ки талабот ба муҳоҷири меҳнатии хориҷӣ доранд ва ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии онҳоро кафолат медиҳанд, бо мақсади кам кардани дараҷаи хавф ҳангоми будубоши муҳоҷирон дар ҳудуди ин давлатҳо ба имзо расонад. То имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон Созишномаҳои байниҳукуматиро асосан бо кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба имзо расонидааст, яъне бо он давлатҳое, ки моро бо онҳо таърихи муштарак, фарҳанг, илм, робитаҳои оилавӣ, робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва ғайра мепайванданд.
30. Гузариш ба муносибатҳои нави иқтисодӣ, тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, талафоти муайяни иқтисодию иҷтимоиро талаб мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин маврид истисно нест, зеро мушкилоти ҷиддие, ки дар зери таъсири вазъи душвори иҷтимоию иқтисодӣ ба миён меоянд, боиси ташаннуҷи бозори меҳнат шуданд.
31. Ташаккули бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити таъсири назарраси чунин омилҳо, ба монанди вазъи душвори демографӣ, пурра ҳал нагардидани оқибатҳои бухрони амиқи иҷтимоию иқтисодӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ, хуруҷи шумораи коргарону мутахассисони соҳибихтисос аз кишвар ва норасоии ҷойҳои корӣ бо захираҳои меҳнатии изофӣ ва музди меҳнати кам сурат мегирад.
32. Мушкилоти иқтисодии баъзан рухдода ва тағйирёбии сиёсати муҳоҷират дар кишварҳои хориҷии дуру наздик ба ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ мустақиман таъсир мерасонанд. Агар вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсати муҳоҷират дар кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирон мусоид бошад, пас муҳоҷирон аз кишварҳои интиқолдиҳанда бо захираҳои фаровони меҳнатӣ ба кишварҳои дорои иқтисоди рушдкардашуда барои шуғл, даромад, беҳтар кардани вазъи моддии оила сафар мекунанд.
33. Хусусияти асосии муҳоҷират даромади иловагии молиявӣ аз муҳоҷират, интиқоли маблағҳои қаблан фиристодаи муҳоҷир ва он маблағҳое, ки муҳоҷир пас аз бозгашт ба хона овардааст, мебошад. Қисме аз ин маблағҳо албатта, барои истеъмолоти шахсию оилавӣ сарф мешаванд, аммо баъзе оилаҳо, инчунин онҳоро барои сармоягузорӣ ба манзилҳои нав, таҳсилот, нигоҳдории тандурустӣ ва ҳамчун сармояи ибтидоӣ барои тиҷорати худ истифода мебаранд. Ин маблағҳо ҳамчун мултипликатори иқтисодӣ кор карда, дар рушди иқтисоди ватанӣ низ саҳм мегузоранд.
34. Бо дар назар доштани вазъи кунунӣ дар робита бо вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди кишварро бе нақш ва саҳми муҳоҷирати меҳнатӣ тасаввур кардан мумкин нест. Вобаста ба ин зарур аст, ки аз ин иқтидори номаҳдуди муҳоҷирони меҳнатӣ, диаспораҳои тоҷик ва ҳамватанони бурунмарзӣ истифода барем. Ягона масъалае, ки дар ин самт бояд ба назар гирифта шавад, ин дастгирии воқеии иҷтимоию ҳуқуқӣ ва кафолати давлатӣ аст, то шаҳрвандон ба сармоягузории худ ба манфиати худ ва ҷамъият эътимод дошта бошанд.
35. Вақте ки муҳоҷирон дар хориҷа, алалхусус дар шаҳрҳои калон кор мекунанд, ҷаҳонбини иҷтимоӣ ва фарҳангии онҳо рушд мекунад. Онҳо

робитаҳои нав, донистани забони хориҷӣ, меъёрҳои рафтор, суҳбат бо одамон, эҳтиром, уҳдадориҳои тарафайн, эътимод ва ҳамбастагӣ ба даст меоранд. Пас аз бозгашт ба Тоҷикистон муҳоҷирон манбаи асосии дониш ва рафтори нав мешаванд, ки ин ба рушди иқтисодии ҷомеаи онҳо низ мусоидат мекунад. Робитаҳо бо тиҷорати хориҷӣ метавонанд ба як лоиҳаи муваффақи тиҷорат дар Тоҷикистон табдил ёбанд ва дар ин маврид инчунин эътимоди касонеро ба даст овардан лозим аст, ки қодиранд лоиҳаҳоро бо манфиати муштарак маблағгузорӣ намоянд.

36. Арзёбии муҳоҷирати меҳнатии беруна нишон медиҳад, ки ба мақсад мувофиқ будани муҳоҷирати меҳнатии занон дар ҷомеаи Тоҷикистон хеле норавшан аст. Аз як тараф, ҳама вазъи молии хонаводаҳо ва моҳияти иҷбории муҳоҷирати занонро дарк мекунанд, аз тарафи дигар, бахши қобили мулоҳизае аз мардон ва ҳатто занон аз тақсими анъанавии нақши марду зан ёдовар мешаванд. Муносибати норавшан ба муҳоҷирати меҳнатии занон аз низоми зиддиятноки муносибатҳои иҷтимоии байни марду зан вобаста аст, ки он меъёрҳои шӯравӣ, унсурҳои анъанавии патриархалӣ, хусусиятҳои нави ғайрианъанавии нақши марду занро дар бар мегирад. Бо вуҷуди ин, баъзе занҳо маҷбуранд бо сабаби он, ки шавҳаронашон аз давлати қабулкунанда (асосан аз Россия) ба муддати 3 - 5 сол ва дар баъзе ҳолатҳо барои 10 сол ихроҷ карда шудаанд, барои кор ба хориҷа сафар намоянд. Афзоиши муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла занон ба хориҷа дар давраи солҳои 2011 - 2022 мутобиқи замимаи 3 муайян гардидааст.

37. Муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа асосан хусусияти бозгашт дорад, зеро дар Тоҷикистон робитаҳои мустаҳками оилавӣ ба таври суннатӣ барқарор карда шуда, муҳаббат ба ватан зиёд аст. Аз ин рӯ, аксарияти шаҳрвандони мамлакати мо пас аз хатми таҳсил ё шартномаи меҳнатӣ ба хона бармегарданд ва метавонанд донишҳои нав ва малакаҳои касбиро дар ватан истифода баранд. Дар баробари ин, таҳлили тамоюлҳои солҳои охир нишон медиҳад, ки дар баъзе ҳолатҳо робитаҳо бо хешовандон канда гардида, шумораи бештари оилаҳои тоҷик аз ҷониби саробонҳо партофта шуда, сардорони оилаҳо дар хориҷа мемонанд.

38. Барои баланд бардоштани масъулият ва уҳдадориҳои муҳоҷирон дар назди оилаҳояшон нақши мақомоти ваколатдори давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои таълимӣ ва пеш аз ҳама, ҳокимияти маҳаллӣ, ки аз ҷониби ҷамоатҳо ва шӯроҳои маҳаллаҳо намояндагӣ мекунанд, дар пешбурди корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тарбиявӣ бо мақсади пешгирии далелҳои ҷудошавӣ, инчунин як қатор чорабиниҳои дигар вобаста ба ободонӣ ва некуаҳволии оилаҳои муҳоҷирон барои андешидани чораҳои зарурӣ муҳим аст.

39. Ба имзо расонидан ва амалисозии шартномаҳои дутарафаю бисёртарафа ба танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ вобаста мебошад, аз ҷумла оид ба сафарбаркунии муташаккилона, дар бораи таъминоти иҷтимоӣ ва монанди инҳо байни ду ва ё зиёда кишварҳо ҳамоно яке аз тадбирҳои нисбатан самарабахши ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандони ҷумҳурӣ, ки барои кор ба хориҷа сафар мекунанд, ба шумор меравconfigured. Бо вуҷуди ин, барои танзим ва ҳамоҳангии бисёр масъалаҳои марбут ба танзими муносибатҳои меҳнатӣ,

таъминоти нафақа, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо дар кишварҳои қабулкунанда ҳанчз санадҳои ҳуқуқии меъёрӣ пурра роҳандозӣ карда нашудаанд. Бинобар ин, зарур аст, ки дар ҷумҳурӣ тадбирҳои яктарафаю чораҳои мушаххас андешида, қарорҳо қабул карда шаванд, ки ҳифзи иҷтимоии ҳамаҷонибаву фарогирро таъмин ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳоро кафолат дода, ҳамзамон набудани механизми мукаммали таъминоти иҷтимоиро бо сабаби ба имзо нарасидани шартномаҳои байнидавлатӣ ё байниидоравӣ ҷуброн намоянд.
40. Шомил намудани масъалаҳои муҳоҷирони меҳнатии осебпазир ва аъзои оилаи онҳо, ки ба дастгирии давлатӣ ниёз доранд, ба барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ дар соҳаи меҳнат ва ҳуқуқи инсон дар коҳиш додани оқибатҳои бемории сироятии COVID-19 нақши муҳим дошта, ба ҳарчӣ зудтар барқарор кардани онҳо мусоидат мекунад.
41. Шаҳрвандоне, ки дар давраи корашон дар хориҷа ба ноккомӣ, бемор ӣ ё осеббардории меҳнатӣ ё маишӣ гирифтор шудаанд, баъди бозгашт ба ватан наметавонанд ба фаъолияти меҳнатӣ ё шуғли муносиб машғул шуда, манбаи даромади пулии худ ва аъзои оилаашонро таъмин намоянд. Аз ин лиҳоз, банақшагирӣ, таҳия ва амалисозии чораҳои дохилидавлатӣ, ки аз ҷониби ҳукумати мамлакат нисбати муҳоҷирони меҳнатии осебпазир, дар давраи пеш аз сафар ва дар давраи будубошашон дар хориҷи кишвар ё баъди бозгашт ба Ватан андешида мешаванд, барои пешгирӣ кардани норасоиҳо дар ҳимоя ва таъмин намудани кафолатҳои ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо муҳим арзёбӣ мегардад. Барои бартараф ё пешгирӣ намудани монеаҳое, ки муҳоҷирон метавонанд ҳангоми дастрасӣ ба ҳифзи иҷтимоӣ ба онҳо бармехӯранд, бояд чораҳои иловагӣ андешида шаванд, ки дар ин самт нақши ниҳодҳои ғайридавлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва соҳибкорони алоҳида ҳам дар дохили кишвар ва ҳам берун аз он, ки аз ҷониби худи тоҷикон таъсис дода мешаванд, низ муҳим мебошад.
42. Солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташкили ҷойҳои нави корӣ дар дохили кишвар ва шуғли шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар ҳудуди кишвари аслӣ кӯшиши зиёд ба харҷ дода истодааст ва барои ноил шудан ба вазифаҳои ба миён гузоштташуда, рушди соҳаи кишоварзӣ ва зироатҳои кишоварзӣ, афзоиши саноат ва сохтмон, соҳаи хизматрасонӣ, нақлиёт, ки дар навбати худ ҷалби коргарон ва мутахассисонро барои соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт дар бар мегирад, аҳамияти калон дорад.
43. Ташкили ҷойҳои нави корӣ бо музди муносиб дар дохили кишвар яке аз вазифаҳои афзалиятноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Зеро, дар соли 2020 тамоми давлатҳои ҷаҳон буҳрони иқтисоди ҷаҳонро бинобар паҳншавии бемории сироятии COVID-19 аз сар гузаронидаанд ва ҳоло ҳам эҳсос мекунанд. Инчунин, вазъияти баамаломада миёни Россия ва Украина ба вазъи муҳоҷирони меҳнатии тоҷик таъсири худро расонид. Ба ин далел, бисёре аз муҳоҷирон кор ва даромади доимии худро аз даст доданд, ки ин ба вазъи молии хонаводаҳо ва худи муҳоҷирон таъсири манфӣ гузошт. Дар чунин вазъият, бисёр муҳоҷирони тоҷикистонӣ мехоҳанд ба ватан баргарданд, аммо

бо баъзе сабабҳо, ки яке аз онҳо молиявӣ аст, онҳо аз ин ҳуқуқ маҳруманд ва дар хориҷа монда, мушкилоти зиёдеро аз сар мегузаронанд.

44. Таъсис додан ва роҳандозӣ кардани фаъолияти Фонди дастгирии иҷтимоии муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо метавонад механизми ёрирасони ҳукумати кишвар барои таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва бозгашти саривақтии муҳоҷирон аз хориҷа бошад. Чунин Фонд дар давлати Филиппин ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ таъсис дода шудааст ва ба муҳоҷирони кишвари худ ҳама гуна кумакҳо мерасонанд. Бо дарназардоштани таҷрибаи хуби давлатҳои номбаршуда Тоҷикистон низ ба ташкили чунин Фонд ниёз дорад, ки мушкилоти муҳоҷирон ва оилаҳои онҳоро сабук ва ҳамзамон ҳаллу фасл менамояд. Дар таҷрибаи байналмилалӣ чунин ташкилот ё муассисаи бунёдӣ дар хориҷи дуру наздик асосан дар давлатҳое, ташкил дода шудаанд, ки содиркунандаи қувваи корӣ ба хориҷа мебошанд. Чунончи, дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон Фондҳои дастгирии иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ ҳам давлатӣ (асосан аз ҳисоби буҷети давлатӣ) ва ҳам ғайриҳукуматӣ ва ҷамъиятӣ таъсис дода шуда, амал карда истодаанд. Дар Федератсияи Россия низ чандин фондҳо ва механизмҳои ёрирасон таъсис дода шудаанд.

45. Дар маҷмуъ, агар муҳоҷирати меҳнатиро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҳукумат ҳисоб намоем, гуфтан мумкин аст, ки муҳоҷирони меҳнатӣ дар баланд бардоштани сатҳи зиндагии аксарияти аҳолии кишвар саҳм мегузоранд. Муҳоҷирон аз Тоҷикистон барои буҷети давлати қабулкунандаи муҳоҷирон он қадар гарон нестанд ва дар ҳоли ҳозир ин давлат Федератсияи Россия аст, зеро беш аз 95 фоиз муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон ба ҳамин кишвар сафар мекунанд. Россия барои таъмини имтиёзҳои иҷтимоӣ барои муҳоҷирон аз кишварҳои дигар, масалан, аз кишварҳои Аврупои Ғарбӣ, Иёлоти Муттаҳидаи Америка, Канада хеле камтар пул сарф мекунад.

46. Аксари муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон, бинобар надоштани касбу ихтисоси мутобиқ ба бозори меҳнат ва дар сатҳи зарурӣ надонистани забон ва талаботи қонунгузории кишвари пазиранда, ба як қатор поймолкунии ҳуқуқҳо ва бадрафторӣ дучор мешаванд. Ин ба будубоши онҳо таъсири манфӣ мерасонад ва нисбати мамлакати қабулкунанда тасаввуроти манфӣ ба вуҷуд меорад.

47. Тоҷикистонро барои беҳтар кардани вазъи муҳоҷирони меҳнатӣ ва оилаҳои онҳо, коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ва шумораи шаҳрвандони бекор, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкории хурду миёна, инчунин усулҳои муосири ҳамкорӣ бо ҳамаи шарикони иҷтимоӣ ҷиҳати таъмини рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва демографии кишвар сиёсати муосир ва муассири таъсирбахши муҳоҷират зарур аст.

### §3. Ҷалби қувваи кории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон

48. Самти мазкур бо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муҳоҷират", "Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" ва фармонҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, "Дар бораи муқаррар намудани квотаи муҳоҷират ва ҷалби қувваи кории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон", Қоидаҳои додани иҷозатномаи кор ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони

бешаҳрвандӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатӣ мебаранд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008, №529 тасдиқ шудааст ва санадҳои меъёрҳои ҳуқуқии дигар танзим карда мешавад.
49. Мувофиқи фармони дар боло зикршудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ ҳарсола квота муқаррар карда мешавад, ки бо додани иҷозатнома ба субъекти хоҷагидоре, ки шумораи муайяни шаҳрвандони хориҷиро даъват мекунад, танзим карда мешавад ва иҷозатномаи кор ба шаҳрвандони хориҷӣ дар асоси инфиродӣ дода мешавад.
50. То соли 2019 дар Тоҷикистон 304 субъекти хоҷагидорӣ фаъолият мекарданд, ки барои ҷалби қувваи кории хориҷӣ иҷозатнома доштанд.
51. Аз соли 2009 вуруди коргарони муҳоҷири хориҷӣ аз Ҷумҳурии Халқии Хитой ба Тоҷикистон ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Квотаи умумии хориҷӣ барои соли 2019 8000 нафар буд, ки аз он 4 460 нафар ба муҳоҷирони меҳнатии Ҷумҳурии Халқии Хитой ҷудо карда шуд. Агар дар соли 2009 квотаи ин кишвар ҳамагӣ 41,5 фоизи квотаи ба хориҷиён ҷудошударо ташкил дода бошад, пас дар соли 2016 квотаи Ҷумҳурии Халқии Хитой то 55,6 фоиз афзоиш ёфт. Ҳамзамон, ба ҷойи квотаи муқарраршуда барои 4460 нафар, дар соли 2016 аз Ҷумҳурии Халқии Хитой 14630 нафар ба Тоҷикистон даъват карда шуданд, ки ин се маротиба аз квотаи тасдиқшуда зиёд шуда, 315,6 фоизро ташкил дод.
52. Бо муқоисаи маълумот оид ба додани квота ва иҷозатномаи кор ба муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ дар солҳои 2009 ва 2016, мо метавонем ба таври возеҳ тамоюли коҳишёбии ҳузури муҳоҷирони меҳнатӣ аз Россия ва кишварҳои дигари ИДМ дар Тоҷикистонро мушоҳида кунем ва айни замон, афзоиши шумораи муҳоҷирон аз кишварҳои хориҷи дур ба назар мерасад, ки дар байни онҳо Ҷумҳурии Халқии Хитой нақши бештар дорад.
53. Динамикаи шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунанд (2009-2022), мутобиқи замимаи 4 муайян карда мешавад.
54. Яке аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии муҳим оид ба кор бо муҳоҷирони хориҷӣ ин қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008, №599 "Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби амалӣ намудани назорати муҳоҷиратӣ" маҳсуб меёбад, ки дар асоси он вазорату идораҳои дахлдори кишвар корҳои муштаракро анҷом медиҳанд, ки ба пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудааast.
55. Будубоши муҳоҷирони хориҷӣ дар ҳудуди ин ё он давлат ҳамеша далелҳои муҳоҷирати танзимнашаванда ё ғайриқонуниро ба бор меорад. Тоҷикистон ба монанди кишварҳои дигари хориҷии дуру наздик низ дар ин ҷода истисно нест, аз ин рӯ, барои пешгирӣ намудани муҳоҷирати ғайрирасмӣ ва муайян кардани далелҳои будубоши ғайриқонунии шаҳрвандони хориҷӣ дар ҳудуди кишвар, ки баъдан хориҷ ё депортатсия карда мешаванд, чораҳо меандешад. Сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ ва чораҳои маъмурӣ нисбати муҳоҷирони хориҷӣ дар муддати ду давра бо фосилаи панҷ сол, барои солҳои 20122013 ва 2018-2019 мутобиқи замимаи 5 муайян шудааст.
56. Тавре ки аз замимаи 5 дида мешавад, дар давраи солҳои 20122013 ҳолатҳои зиёди берун кардан ва депортатсияи муҳоҷирони хориҷӣ аз ҳудуди Ҷумҳурии

Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст, ки дар маҷмуъ 5031 нафарро ташкил медиҳад. Аммо солҳои 2017-2018 бинобар вайрон кардани тартиби будубош дар ҳудуди Тоҷикистон, танҳо 214 муҳоҷири хориҷӣ аз кишвар хориҷ карда шуданд, ки ин нисбат ба панҷ соли қабл тақрибан 15 маротиба камтар аст.
57. Маълумоти дар боло овардашуда дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои муайянеро оид ба ҳимояи бозори меҳнати дохилӣ ва ҳамзамон истифодаи самараноки қувваи кории хориҷӣ гузоштааст. Дар ҳар сурат, масъалаи будубоши коргарони муҳоҷири хориҷӣ дар Тоҷикистон ва саҳми онҳо дар рушди иқтисоди давлати Тоҷикистон хеле муҳим арзёбӣ мешавад, ки бар асоси он омӯхтани самаранокии ин соҳа дар ташкили ҷойҳои кории иловагӣ барои шаҳрвандони Тоҷикистон зарур аст ва омӯзонидани онҳо дар касбҳои муосири корӣ, ки мутахассисони хориҷӣ барояшон ҷалб карда шуданд.
58. Солҳои 2020-2022 бинобар сабаби паҳншавиии бемории сироятии COVID-19 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқаррар намудани квотаи муҳоҷирати хориҷӣ ва ҷалби қувваи кории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон" қабул нагардид. Новобаста ба ин, аз ҷониби Хадамоти муҳоҷират дар ин давра тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи пешгирии таъсири бемории сироятии COVID-19 ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикмистон" аз 5 июни соли 2020, №1544 иҷозат барои амалӣ намудани фаъолияти корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуд.

### §4. Муҳоҷирати экологӣ

59. Мафҳуми "муҳоҷирати экологӣ" дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муҳоҷират" дарҷ гардида, маънои кӯчидани шаҳрвандон дар ҳудуди давлати худ вобаста ба вайрон гардидани вазъи муҳити зист ё фалокатҳои экологиро дорад.
60. Муҳоҷирони экологӣ шахсоне мебошанд, ки бинобар офатҳои экологӣ маҷбур мешаванд, манзилҳои худро тарк кунанд, яъне як қисми аҳолӣ, ки дар минтақаҳои аз ҷиҳати экологӣ хавфнок зиндагӣ мекунанд ва бо мақсади пешгирии талафоти ҷонӣ аз офатҳои табиӣ фаврӣ ё нақшавӣ бояд кӯчонида шаванд.
61. Самти муҳоҷирати экологӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муҳоҷират", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, №211 "Дар бораи Тартиби амалӣ намудани муҳоҷирати экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", инчунин нақшаҳои миёнамуҳлат ва кӯтоҳмуҳлат барои муҳоҷирони экологӣ, ки бо қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудаанд, танзим карда мешавад.
62. Сабабҳои асосии кӯчонидани хоҷагиҳо аз минтақаҳои аз ҷиҳати экологӣ хавфнок ба ҷойҳои бехавф инҳоянд:
- таҳдиди воқеӣ ба ҳаёти одамоне, ки дар минтақаҳои зери ярч зиндагӣ мекунанд;
- ярч;
- тармафароӣ;
- селҳо;

- ҳолатҳои фавқулодаи техногенӣ ва офатҳои дигари табиӣ.
63. Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пешбурди низоми баҳисобгирии раванди муҳоҷирати экологӣ махзани иттилоотиро таъсис дода, ҳар нимсола тибқи тартиби муқарраршуда ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи муфассал пешниҳод менамояд.
64. Кӯчонидани хоҷагиҳои муҳоҷирони экологӣ дар ҳамоҳангии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор, инчунин мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ баррасӣ карда мешаванд. Шумораи хоҷагиҳои кӯчонидашудаи муҳоҷирони экологӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2000-2022 мутобиқи замимаи 7 муайян карда шудааст.
65. Раванди кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ аз соли 2000 сар шуда, дар давраи то соли 2017 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 8540 хоҷагӣ бо шумораи умумии зиёда аз 45000 нафар аз минтақаҳои аз ҷиҳати экологӣ хавфнок ба ҷойҳои бехавф кӯчонида шуданд. Ҳамин тариқ, ҳолатҳои хатарнок ва таҳдидҳо ба ҷони шумораи зиёди шаҳрвандони Тоҷикистон, ки қисми асосии онҳоро занон ва кӯдакон ташкил медиҳанд, бартараф гардид. Аз ин рӯ, ин намуди муҳоҷират ҳам барои аҳолии кишвар ва ҳам барои мақомоти дахлдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бевосита ба масъалаҳои муҳоҷирати экологӣ машғуланд, аҳамияти калон дорад.
66. Пас аз баррасии замимаи 6 муҳоҷирати экологӣ тамоюли шадиди афзоиш ва коҳиши онро аз солҳои 2000 то 2010 қайд кардан мумкин аст. Баъдан, аз соли 2011 то 2022 тамоюли муътадил барои кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ мушоҳида мешавад, ки аз истифодаи амалияи имкониятҳои воқеии давлат дар ҳалли мушкилоти ин соҳа шаҳодат медиҳад.
67. Ба оилаҳои муҳоҷирони экологӣ, пас аз расидан ба ҷойҳои нави зист, аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба андозаи 0,08 гектар қитъаи замин барои сохтмони манзил ва қитъаи наздиҳавлигӣ, инчунин қарзи имтиёзнок ба андозаи 3000 сомонӣ аз ҷониби Хадамоти муҳоҷират дода мешавад. Дар ҳолатҳои фавқулода (ғайринақшавӣ) барои сохтмони манзил ва ба тартиб даровардани хоҷагиҳои зарардида, маблағҳои иловагӣ аз фонди захиравии Президенти кишвар ҷудо карда мешаванд.
68. Солҳои охир арзиши масолеҳи сохтмонӣ дар бозор якбора боло рафт, ки ҳаҷми қарзҳои имтиёзноки додашуда минбаъд наметавонанд талаботи муҳоҷирони экологии кӯчонидашударо дар сохтмони биноҳои истиқоматӣ қонеъ кунанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки масъалаи зиёд кардани ҳаҷми қарз ба муҳоҷирон баррасӣ карда шавад.
69. Ҳангоми кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ як қатор мушкилот пеш меоянд, ки онҳоро Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ҳал карда наметавонад, зеро бисёр масъалаҳо ба салоҳияти вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллӣ вогузор гардидаанд. Ҳамин тавр, дар баъзе ҳолатҳо ҷудо кардани замин барои бунёди манзил барои муҳоҷирони экологӣ дар ҷойҳои нави зист саривақт ҷудо карда намешавад,

бунёди роҳҳо, беморхонаҳо, мактабҳо ва хатти барқ ва оби нӯшокӣ бо таъхир сохта мешаванд.

70. Масъалаи муҳим дар ҷараёни кӯчонидани хоҷагиҳо аз минтақаҳои аз ҷиҳати экологӣ хатарнок ба ҷойҳои бехавф ин аз ҷониби худи муҳоҷирон сохтани биноҳои истиқоматӣ маҳсуб меёбад ва то андозае оқибатҳои номатлуб ҳам дорад, зеро на ҳама муҳоҷирон малакаҳои касбии ҳамчун сохтмончӣ доранд. Аз ин лиҳоз, мақомоти манфиатдори давлатӣ бояд як тадбири алтернативиро баррасӣ намояд, ки сохтмончиён метавонанд ташкилотҳои хонасозӣ бошанд, ки барои сифат ва мӯҳлати расонидани биноҳои истиқоматӣ масъул бошанд.

71. Бо назар доштани он ки арзиши сохтмони чунин хонаҳо нисбат ба ҳаҷми қарзҳои имтиёзнок барои муҳоҷирон хеле баландтар аст, бо муҳоҷирони экологӣ бо пардохти минбаъда ба мӯҳлати аз 5 то 20 сол бастани шартномаҳои миёнамӯҳлат ё дарозмуддат мувофиқи мақсад дониста мешавад. Гирифтани пеши роҳ аз таҳдидҳо ва фавти одамон, инчунин дастгирии онҳоро шаҳрвандон ҳамчун ғамхории давлат арзёбӣ мекунанд ва дурандешии он дар нигоҳ доштани захираҳои инсонӣ дар деҳот мебошад.

72. Айни замон, муҳоҷирони кӯчонидашуда бо мушкилоти бокортаъминшавӣ дар ҷойҳои нави истиқомат, таъхир ёфтани сохтмони манзил бо сабаби набудани маблағ ва нархи баланди масолеҳи сохтмонӣ, инчунин мушкилоти дигари дохилӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Чунин мушкилот амалисозии сиёсати давлатиро дар самти муҳоҷирати экологии аҳолӣ то андозае душвор мекунад ва норозигии муҳоҷиронро ба бор меорад.

73. Тартиби амалӣ намудани муҳоҷирати экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Ҳукумати кишвар муайян карда шудааст, тамоми механизми иҷрои корҳоро аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор оид ба фароҳам овардани инфрасохтор дар ҷойҳои нави истиқомати муҳоҷирони экологӣ пешбинӣ менамояд. Аммо, ҳамкории вазорату идораҳои кишвар, инчунин фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар самти таъмини ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии муҳоҷирон ба қадри кофӣ самаранок ба роҳ монда нашудааст ва аз ин сабаб мушкилоти зиёде эҷод шудаанд, ки солҳост ҳалли худро наёфтаанд.

74. Раванди кччонидани муҳоҷирони экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2000, вақте ки дар кишвар сулҳу осоиштагӣ ба даст омад, бори аввал гузаронида шуд ва бо ин мақсад, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 августи соли 1999, №467 "Дар бораи додани кредит ба хоҷагиҳо ва кччонидани онҳо аз минтақаҳои хавфноки экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар солҳои 2000-2004 таҳти таъсири равандҳои экзогенӣ қарор мегиранд" қабул гардид, ки дар асоси он дар давоми 5 сол кӯчонидани 7664 оилаи муҳоҷирон аз ҷойҳои экзогенӣ ба ҷойҳои бехавф ба нақша гирифта шуд. Аммо набудани маблағҳои зарурӣ ба иҷрои нақшаҳо имкон надод.

75. Аз ин лиҳоз, аз 7664 оилаи муҳоҷирони экологии ба нақша гирифташуда дар давраи солҳои 2000-2004 танҳо 2720 оила кӯчонида шуданд, ки ин 36 фоизи шумораи оилаҳоро ташкил медиҳад.

76. Дар оянда дар ҷумҳурӣ кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ идома ёфта, аммо бо дарназардоштани он таҷрибаи қаблӣ бо баҳо додани ғайривоқеии вазъият, шумораи муҳоҷирони ҳарсола кччонидашаванда дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худи муҳоҷирон, то андозае коҳиш хоҳад ёфт. Маълумот оид ба кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2016-2022 мутобиқи замимаи 7 муайян карда шудааст.
77. Замимаи 7 нишон медиҳад, ки нақшаи кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ дар тӯли 5 соли охир воқеитар шудааст, ки дар он дастовардҳои солона дар соли 2016 - 100 фоиз, 2017 - 100 фоиз, 2018 - 100 фоиз, ба истиснои чор соли охир иҷрои нақша каме коҳиш ёфтааст.
78. Аз таҳлили ҷамъбасти қонунияти дар боло зикршудаи муҳоҷирати экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулоса омадан мункин аст, ки ин намуди муҳоҷирати аҳолӣ дар рушди инсоният нақши муҳим мебозад, одамонро аз офатҳои табиӣ муҳофизат мекунад ва бо ин имкон медиҳад, ки барои пешрафти минбаъдаи ҷомеа имконият фароҳам оварда шавад. Вазифаи муҳимтарини иҷтимоию иқтисодии он таъмини сатҳи муайяни ҳаракат ва тақсимоти ҳудудии он, аз ҷумла ба марказҳои саноатӣ бо назардошти миқёси муҳоҷирати муҳоҷирон, инчунин ба минтақаҳои азхудкардашуда бо заминҳои нокорам мебошад. Ҳамин тариқ, муҳоҷирати экологӣ ба истифодаи пурраи қувваи корӣ ва афзоиши истеҳсолот дар ҷойҳои нави истиқомати муҳоҷирон ва оилаи онҳо мусоидат мекунад.
79. Муҳоҷирати экологӣ вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии оилаҳои муҳоҷирро, ки аз минтақаҳои аз ҷиҳати экологӣ хавфнок кӯчонида шудаанд, тағйир медиҳад, ва ин намуди муҳоҷират аксар вақт боиси афзоиш ёфтани омӯзиш ва тайёрии касбии муҳоҷирон, васеъ гардидани ниёзҳо ва манфиатҳои ҳамаи ҷонибҳои дар раванди рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва инноватсионии давлат иштироккунанда мегардад.

## §5. Муҳоҷирати дохилӣ

80. Муҳоҷирати дохилӣ ин ҳаракати бебозгашт, муваққатӣ, инчунин мавсимии шахсони алоҳида дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.
81. Дар заминаи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ рушд ёфта, он барои ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ, тақсимоти баробари қувваи корӣ ва тақвияти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мусоидат намуд.
82. Масъалаҳои муҳоҷирати дохилии аҳолӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муҳоҷират", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2008, №467 "Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби муҳоҷирати дохилӣ дар Ҷумҳурии Точикистон", инчунин нақшаҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат кчонидани хоҷагиҳо аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ танзим карда мешаванд. Ин нақшаҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

83. Мақсади муҳоҷирати дохилӣ ин идоракунии давлатии раванди муҳоҷирати ихтиёрии шаҳрвандони кишвар барои рушди минбаъдаи соҳаҳои хоҷагии халқ, азхудкунии заминҳои бекорхобида дар деҳот, рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳрҳо ва минтақаҳои ҷумҳурӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандони дар минтақаҳои дигари кӯчонидашуда, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ мебошад.
84. Зарурати раванди муҳоҷирати дохилии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди давлат дар ибтидои аср пас аз ба охир расидани ҷанги шаҳрвандӣ ва барқарории сулҳу ризоият дар кишвар зоҳир гардид. Дар давоми солҳои 2001-2017 ба минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ 10509 оила бо шумораи умумии зиёда аз 48 000 нафар кӯчиданд. Ба ҳар оилаи муҳоҷирони кӯчонидашуда аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ 0,08 гектар замин барои сохтмони манзил барои ҳар як оила ҷудо мегардад ва Хадамоти муҳоҷират ба маблағи 1500 сомонӣ қарзҳои имтиёзнок ҷудо менамояд. Шуруъ аз соли 2019 ҳаҷми қарз барои муҳоҷирони дохилӣ ба 5000 сомонӣ расонида шуд.
85. Дар ин солҳо, ҷумҳурӣ асосан бо кӯчонидани муҳоҷирони дохилӣ танҳо ба деҳот барои рушди соҳаи кишоварзӣ машғул буд. Аммо, вақти он расидааст, ки муносибати давлат дар самти муҳоҷирати дохилӣ аз нав дида баромада шавад ва дар баробари рушди кишоварзӣ, муҳоҷирати дохилӣ ҳамчун иқтидори рушди саноати кишвар истифода гардад. Яъне, ба вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ лозим аст, ки нақшаҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳоро, ки дар онҳо ба рушди соҳаи саноат диққати махсус дода мешавад, тасдиқ кунанд. Дар сурати нарасидани мутахассисони соҳибихтисос ва шахсони дигар аз ҳисоби қувваи корӣ, ҳалли ин масъала бо роҳи такмили сиёсати давлатии муҳоҷирати дохилӣ, бо истифода аз шаклҳои гуногуни ҳавасмандгардонӣ ва ҳавасмандкунии муҳоҷирони кӯчонидашуда муҳим аст. Дар асоси ин, рушди соҳа ва ҳамзамон қонунгузории миллӣ дар самти муҳоҷирати дохилии аҳолӣ мувофиқи мақсад аст.
86. Масъалаҳои асосӣ барои ҳалли мушкилоти муҳоҷирати дохилӣ ин таъмини муҳоҷирон бо оби нӯшокӣ ва полезӣ, барқ, сохтани роҳҳо дар ҷойҳои нави истиқомати муҳоҷирон, ташкили муассисаҳои таълимӣ ва томактабӣ, марказҳои саломатӣ мебошад. Дар баъзе ҳолатҳо, мақомоти ваколатдори дахлдор вазифаҳои дар наздашон гузошташударо саривақт ҳал намекунанд, ки ин ба тамоми раванди кӯчонидан ва истиқомати муҳоҷирон дар ҷойҳои нави истиқомат таъсири манфӣ мерасонад.
87. Аз омӯзиши масъалаҳои муҳоҷирати дохилӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки мушкилот дар ин самт шабеҳи муҳоҷирати экологӣ мебошанд. Тамоми раванди кӯчонидани муҳоҷирони дохилӣ бояд тибқи талаботи Низомнома дар бораи тартиби муҳоҷирати дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Низомнома), ки Ҳукумати кишвар тасдиқ кардааст, сурат гирад. Мутобиқи банди 3 Низомнома кӯчонидани муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) аз як минтақа ба минтақаи дигар танҳо пас аз гирифтани кафолати расмӣ барои қабул, таъминоти манзил ё ҷудо кардани қитъаи замин барои сохтмони бинои

истиқоматӣ, таъмини оби нӯшокӣ, хизматрасонии тиббӣ, барқ, бокортаъминкунии аъзои қобили меҳнати оилаҳои кӯчонидашуда, кафолати ҳолати мусоиди санитарӣ ва мутобиқи имкониятҳои мавҷуда ташкили иншооти иҷтимоӣ сурат мегирад.

88. Низомномаи болозикр таҷрибаи манфии пешинро ба инобат гирифта, тақрибан ҳама ҷанбаҳои ташкили муҳоҷирати мусоиди дохилиро то механизми ҳамкориҳои байниидоравӣ, ки вазифаҳои ҳамаи вазорату идораҳои ҷумҳурӣ барои фароҳам овардани шароити зиндагӣ ва зиндагии муҳоҷирони навомада тақсим карда мешавад. Аммо, худи раванди кӯчонидани муҳоҷирони дохилӣ дар баъзе мавридҳо мухолифи талаботи Низомнома ба амал меояд, вақте ҷойҳои истиқомати муҳоҷирон комилан омода нестанд ва инфрасохтор аз низоми коммуникатсионӣ ташкил карда нашудааст. Дар чунин вазъ муҳоҷирони дохилӣ бо мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ мешаванд, аз қабили камбуди манзил, оби нӯшокӣ, барқ, роҳҳо, мактабҳо, муассисаҳои тиббӣ, ҷойҳои кори доимӣ бо музди меҳнат ва ғайра ҳисобида мешаванд. Ҳамаи ин боиси норозигии зиёди муҳоҷирони дохилӣ мегардад ва хилофи амалисозии сиёсати муҳоҷирати давлат аст.

89. Мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба масъалаҳои муҳоҷират бояд ҳамоҳангӣ ва ҳамкории байниидоравиро дар иҷрои вазифаҳои ин соҳа тақвият диҳад. Дар акси ҳол, мушкилоти муҳоҷирати дохилӣ метавонанд тул кашад, ки ин боиси иҷрои ғайриқаноатбахши қарорҳои Ҳукумати кишвар ва норозигии муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо мегардад.

90. Тавре маълум аст, амалисозии сиёсати давлатӣ дар самти муҳоҷирати дохилӣ ба рушди деҳот нигаронида шудааст ва бо мақсади ҳавасманд кардани муҳоҷирони дохилӣ ба рушди кишоварзӣ тавассути меҳнати инфиродӣ ва фаъолияти дастаҷамъӣ дар ҷойҳои нави истиқомат, додани қарзҳои имтиёзноки бонкӣ ба муҳоҷирон дар мисоли Ҷумҳурии Беларус меъёри 3-5 фоизи солона барои 20-30 соли оянда мувофиқи мақсад дониста мешавад. Ин шакли кор дар Беларус асоснок аст ва метавонад ба рушди соҳибкории хурд ва миёна дар байни муҳоҷирони нав кӯчонидашуда такон бахшад.

91. Баланд бардоштани нақш ва масъулияти мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ барои ташкили ҷойҳои нави корӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, таъмини фаъолияти шаффоф дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ва ба ин васила муайян кардани амалҳои воқеӣ ба манфиати муҳоҷирон ва мардуми таҳҷоии минтақаи мушаххаси кишварро таъин намоем.

92. Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки дар марҳилаи аввали кӯчонидани муҳоҷирони дохилӣ (солҳои 2001-2002) Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳои дахлдори Ҳукумати кишварро қабул кардааст, аммо нақшаҳои кӯчонидани оилаҳои муҳоҷирон тасдиқ карда нашудаанд. Ҳамин тариқ, аввалин қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи кӯчонидани муҳоҷирони дохилӣ аз 11 январи соли 2001, №10 "Дар бораи муҳоҷирати ихтиёрии марҳила ба марҳилаи оилаҳои ҷавон аз Вилояти Мухтори Кчҳистони Бадахшон ба ноҳияҳои Кабодиён ва Бешкенти вилояти Хатлон" бармеояд. Дар асоси ин қарор, 50 оилаи ҷавон аз Вилояти Мухтори Кчҳистони Бадахшон дар соли 2001 ба ноҳияи Қубодиён кӯчонида шуданд ва ин оғози раванди муҳоҷирати дохилӣ

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Ғайр аз он, қарори навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 августи соли 2002, № 347 "Дар бораи муҳоҷирати дохилии (ихтиёрии) 100 оила аз шаҳри Кӯлоб ва 55 оила аз ноҳияи Шӯрообод ба ноҳияи Бешкенти вилояти Хатлон" қабул карда шуд ва як қатор муқарраротн дигар, ки шумораи муҳоҷирони дохилиро дар ҳудуди кишвар зиёд кардаанд.

93. То соли 2003 Хадамоти муҳоҷират дар ҳамкорӣ бо мақомоти дигари давлатӣ нақшаи миёнамуҳлати кӯчонидани муҳоҷиронро аз ноҳияҳои кӯҳӣ ба минтақаҳои заминҳои нокорами ҷумҳурӣ барои солҳои 2003-2007 омода кард, ки бо қарори Ҳукумати кишвар аз 10 майи соли 2003, №193 тасдиқ карда шуд. Тибқи ин нақша, дар тӯли 5 сол дар ҳудуди ҷумҳурӣ кӯчонидани 4110 оилаи муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) ба нақша гирифта шуда буд, аз ҷумла дар солҳои 2003 150 оила, 2004 - 986 оила, 2005 - 982 оила, 2006 - 974 оила, 2007 - 1018 оила кӯчонида шуд. Ҳамзамон, қайд кардан зарур аст, ки марказҳои маъмурии ҳудудии ҷумҳурӣ, ки уҳдадории қабул ва фиристодани муҳоҷирони дохилиро (ихтиёрӣ) ба уҳда гирифтаанд, аз ҷумла Вилояти Мухтори Кчҳистони Бадахшон - 716 оила, вилояти Хатлон229 оила кӯчонида шуд.

94. Дар 5 соли аввали фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба кӯчонидани муҳоҷирони дохилӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи замимаи 8 таҳлилҳо гузаронида шудааст.

95. Тибқи замимаи 8 қайд кардан мумкин аст, ки дар давраи солҳои 2001-2003 шумораи муҳоҷирони кӯчонидашуда он қадар назаррас набуд, натиҷаҳои иҷрои нақша 100 фоизро ташкил додааст. Бо қабули қарори нави Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаи 5-солаи кӯчонидани муҳоҷирони дохилӣ дар давраи солҳои 2003-2007 маълум шуд, ки кӯчонидани ҳарсолаи муҳоҷирон ва миқдори он дар ҳаҷми тақрибан аз 1000 оила барои аксари вазорату идораҳо, инчунин мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ғайриимкон аст.

96. Тибқи нақшаи кӯчонидан барои солҳои 2003-2007 дар соли аввал, яъне дар соли 2003 кӯчонидани танҳо 150 оилаи муҳоҷирони дохилӣ дар шаҳри Исфараи вилояти Суғд ба нақша гирифта шуда буд, ки бо муваффақият ҳалли худро ёфт. Худи ҳамон сол, бо ташаббуси мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Исфара ва ноҳияи Варзоб, мутаносибан 26 ва 24 оила ҷамъ 50 оила дар ҳудудҳои худ кӯчонида шуданд, ки ба рӯйхати муҳоҷирони соли 2003 дохил карда шудаанд, ки ин рақамро дар охири ҳамон сол 200 оила нишон медиҳад.

97. Қайд кардан муҳим аст, ки рӯйхати муҳоҷирони дохилӣ ва дар оянда нақшаи миёнамуҳлат аз ҷониби Хадамоти муҳоҷират дар асоси пешниҳоди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо тартиб дода мешавад, ки дар навбати худ аз дархостҳои хаттии шаҳрвандони худ, ки дар ҳудуди як маҳалли аҳолинишини муайян зиндагӣ мекунанд, сарчашма мегирад. Бо вуҷуди ин, уҳдадориҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд оид ба кӯчонидани муҳоҷирон дар давраи солҳои 20012005 бо шумораи 1620 оила, вақте ки дар саросари ҷумҳурӣ ҳамагӣ 3077 оила буданд, ниҳоят нопурра ва ғайривоқеӣ гаштанд, ки ин ба натиҷаҳои манфии ҷумҳурӣ оварда расонид. Истисно метавонад соли 2007 бошад, вақте ки бо кӯшиши

якҷояи мақомоти давлатӣ 1403 оилаи муҳоҷирони дохилӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯчонида шуданд, ки ин нишондиҳандаи баландтарини кишвар дар тамоми давраи кор дар самти муҳоҷирати дохилӣ мебошад.
98. Дар мисоли муҳоҷирати экологӣ, таҷрибаи номуваффақи солҳои аввали кор дар самти муҳоҷирати дохилӣ ба назар гирифта шуд ва пас аз он ҷумҳурӣ ба қабули нақшаҳои воқеии кӯчонидан дар ин самт шуруъ кард. Мувофиқи замимаи 9 натиҷаи корҳо дар солҳои 2016-2022 муайян гардидааст.
99. Тавре ки аз замимаи 9 дида мешавад, натиҷаҳои 5 соли охири кор он қадар ноумедкунанда нестанд ва дар баъзе солҳо, ҳатто нишондиҳанда хуб аст. Ҳамин тавр, дар соли 2016 нишондиҳанда ба 100 фоиз мерасад, дар соли 2017 нақша 57,5 фоиз иҷро шуда, соли 2018 - 84 фоиз ва дар солҳои минбаъда фаъолият дар самти мазкур то ҳадде назаррас мебошад.
100. Масъалаҳои муҳоҷирати дохилии аҳолӣ дар ҳудуди як ноҳия, шаҳр, вилоят ё байниноҳиявӣ, байнишаҳрӣ, инчунин аз ноҳия ба шаҳр ё аз шаҳр ба ноҳия ҳам барои муҳоҷирон ва ҳам барои рушди иқтисоди давлатӣ ва илми демографии Тоҷикистон муҳиманд.
101. Дар натиҷаи тадқиқоте, ки оид ба масъалаҳои муҳоҷирати дохилии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуданд, муайян карда шуд, ки муҳоҷирон аз минтақаҳои сераҳолӣ ва камзамин ба он минтақаҳое, ки заминҳои нокорам, набудани кадрҳои баландихтисос ва захираҳои инсонӣ, инфрасохтори номукаммал, сатҳи пасти рушди соҳаи саноат ва ғайра доранд, кччонида мешаванд, то ки дар ояндаи наздик бо талошҳои муштараки муҳоҷирони дохилӣ ва аҳолии маҳаллӣ азхудкунии заминҳои нокорам ва рушди саноат дар ин минтақаҳо таъмин карда шаванд.
102. Кӯчонидани муҳоҷирони дохилӣ дар асоси аризаи расмии онҳо ва мутобиқи қонунгузории миллӣ дар самти муҳоҷирати дохилӣ сурат мегирад. Аз як тараф, ин имкон медиҳад, ки шиддат дар минтақаҳои дорои захираҳои зиёди меҳнатӣ ва шаҳрвандони бекор бартараф карда шавад ва аз тарафи дигар, дар он минтақаҳое ҷойгир карда шаванд, ки дурнамои рушди кишоварзӣ ва бахши саноат вуҷуд доранд.
103. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз ҳама бештар муҳоҷирони дохилӣ дар вилояти Хатлон мебошанд, ки дар давоми солҳои 2014-2018 1066 оила кӯчонида шуданд. Баъдан, аз ҷиҳати шумораи муҳоҷирони дохилӣ, ноҳияҳои тобеи марказ бо шумораи умумии 786 оила ҷойгиранд. Мавқеи сеюмро вилояти Суғд ишғол мекунад, ки шумораи муҳоҷирони дохилӣ дар давраи солҳои 2014-2018 ҳамагӣ 522 оиларо ташкил медод. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар панҷ соли муайяншуда танҳо 23 оила кӯчонида шуданд ва ин нишондиҳанда хоҳиш надоштани худи шаҳрвандон барои кӯчидан ба минтақаҳои дигари кишвар мебошад.
104. Дар ҳамин ҳол, номукаммалии қонунгузории кишвар дар самти муҳоҷирати дохилӣ, миқдори ками қарзҳои имтиёзнок ба муҳоҷирони дохилӣ барои сохтмони манзил (ҳамагӣ 5000 сомонӣ), дастгирии нокифояи молиявӣ барои рушди соҳибкории хурду миёна, сари вақт иҷро нагардидани уҳдадориҳои худ оид ба фароҳам овардани шароити манзил аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ сабабҳое мебошанд, ки қисми муайяни муҳоҷирон

аз ҷойҳои нави истиқоматии худро тарк карда, ба ҷойҳои пешина бармегарданд ва ё дар ҷустуҷӯии зиндагии беҳтар тарки кишвар мекунанд.

105. Дар ин ҷо бори дигар таҷрибаи Беларусро бояд ёдовар шуд, ки ҳаҷми фоизи қарз ба шаҳрвандони кишвар барои рушди соҳибкории хурд ва миёна дар деҳот ҳамагӣ 3-5 фоизро ташкил медиҳад ва ин натиҷаи мутақобилан мусбат ҳам барои шаҳрвандони Беларус ва ҳам барои давлат медиҳад. Як мисоли дигарро аз таҷрибаи Федератсияи Россия овардан мумкин аст, ки дар он ҷо ба муҳоҷирон барои ободонии манзил ба миқдори 180 ҳазор рубли русӣ қарзи бефоиз ва дар ҳолати зарурӣ барои муҳоҷирон қарзи дарозмуддат дода мешавад. Инчунин, масъалаи рушди соҳибкории хурд ва миёна дастгирӣ карда мешавад, ки дар он ба муҳоҷирон имконияти васеъ барои истифодаи малака ва сифатҳои касбии онҳо фароҳам оварда шудааст. Чунин мисолҳо хеле зиёданд ва масъалаи асосӣ он аст, ки мо то кадом андоза омодаем сиёсати давлатро дар самти муҳоҷирати дохилӣ амалӣ кунем ва дар ин маврид ба худи муҳоҷирон кумак расонем.

106. Дар асоси гуфтаҳои боло ба вазорату идораҳои дахлдори кишвар, инчунин мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ зарур аст, ки барои рушди иҷтимоию иқтисодии он минтақаҳо шаклу усулҳои нави ҳавасмандкунии муҳоҷирони дохилиро истифода баранд ва кишваре, ки ба воридшавии кадрҳои баландихтисос ва захираҳои инсонӣ бо дурнамои ташкили онҳо ва таъмини зиндагии муҳоҷирони дохилӣ ва аъзои оилаҳои онҳо ниёз дорад, истифода баранд.

### §6. Гурезаҳо ва шахсони паноҳҷӯянда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

107. Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз давлатҳо дар байни кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мебошад, ки ҳанӯз соли 1993 ба Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи мақоми гурезаҳо (соли 1951) ва Протокол дар бораи мақоми гурезагон (соли 1967) ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ оид ба таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои гурезагон ва паноҳҷӯён, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиранд, ҳамроҳ шудааст.

108. Ҳукумати кишвар бо мақсади таъмини ҳифзи ҳуқуқи гурезаҳо ва паноҳҷӯёндагон, инчунин танзими раванд дар ин самт як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқиро қабул намуд, ки ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ баррасӣ намудани мушкилоти гурезагон бо дар назар доштани шароити воқеии дар Тоҷикистон мавҷудбуда имконият фароҳам овард.

109. Вазъияти ноустувори сиёсии ҷаҳонӣ ва зиёд гардидани шумораи муҳоҷирони ғайриқонунии хориҷӣ дар ҳудуди мамлакат, махсусан шаҳрвандони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Тоҷикистонро водор сохт барои содагардонии равандҳои муҳоҷират дар дохили кишвар чораҳои муассир андешанд. Ҳамин тариқ, бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардиданд, аз ҷумла:

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2000, № 323 "Дар бораи номгӯйи кишварҳое, ки муваққатан зиндагӣ кардан дар онҳо то омадан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон асос барои рад намудани бақайдгирии илтимоснома

доир ба гуреза эътироф намудани шахси хориҷӣ ва рад кардани эътирофи гурезагӣ ҳисоб меёбад";
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2000, № 324 "Дар бораи тасдиқи Низомномаи шаҳодатномаи гуреза";
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2000, № 325 "Дар бораи номгӯйи маҳалҳои аҳолинишини Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он ҷойҳо муваққатан зист намудани шаҳрвандони паноҳҷӯянда ва гурезагон мумкин нест";
- фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2001, № 544 "Дар бораи пурзӯр намудани мубориза муқобили муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон".
110. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи гурезагон" аз ҷониби Парлумони кишвар 10 майи соли 2002, № 50 тасдиқ ва эътибор пайдо карда, ҳамчунин ба қонуни қаблан қабулшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 1 феврали соли 1996, №230 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 майи соли 1999, № 218 "Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои иқомати шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қоидаҳои убури транзитии шаҳрвандони хориҷӣ аз тариқи ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон" тағйироту иловаҳои назаррас ворид карда шуданд.
111. Маврид ба зикр аст, ки баъдан Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" 2 январи соли 2018, №1471 ва санаи 31 марти соли 2020, №207 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Қоидаҳои ворид шудан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, будубош, баромадани шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гузаштани транзитии онҳо тавассути ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар таҳрири нав қабул карда шуд.
112. Қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи гурезаҳо" механизми ҳамкории вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро пешбинӣ намуда, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба кор бо гурезагон, тартиби додан ва рад кардани мақоми гуреза, кафолати давлатӣ ба гурезаҳои эътирофшуда барои ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои онҳо ва ғайраҳоро муайян месозад.
113. Дар ин давра санадҳои меъёрии ҳуқуқии болозикр имкон доданд, ки раванди будубоши гурезагон ва паноҳҷӯёни хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тартиб дароварда шуда, шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки ғайрирасмӣ иқомат доранд, кам гардад ва шиддати норозигии аҳолии маҳаллиро нисбат ба гурезагон коҳиш дода, тартиботи ҷамъиятиро дар шаҳрҳои калони Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла пойтахти ҷумҳурӣ, шаҳри Душанбе, ки шумораи зиёди гурезаҳои афғон ҷойгир буд, таъмин намоянд.
114. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи гурезаҳо" принсипи муттаҳидсозии оила ва муқаррароти Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдакро пешбинӣ мекунад, ки дар ҳолатҳои зарурӣ зимни баррасии масъалаҳои дахлдор мақомоти васоят ва парасторӣ метавонанд ҷалб карда шаванд. Дар фаъолияти худ Комиссия оид ба муайян кардани мақоми гуреза ба қурбониёни

шиканҷа ва маъюбон диққати махсус медиҳад. Ин категорияи шаҳрвандон дар муассисаҳои статсионарии тиббии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд ба хизматрасонии тиббӣ фаро гирифта шаванд.

115. Мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати мо давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона буда, дар ин замина, масоили марбут ба гурезаҳо ва паноҳҷӯён одатан мусбат ва боэҳтиром баррасӣ карда мешаванд. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати расман фаъолият намудани Кумитаи гурезаҳои Афғонистон ба қайд гирифта шудааст. Фаъолияти меҳнатии гурезагон дар ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ иҷозат дода шудааст ва фарзандони онҳо дар қатори фарзандони шаҳрвандони Тоҷикистон дар мактабҳои миёна ва донишкадаҳои олӣ таҳсил кунанд.

116. Солҳои минбаъда вазъи сиёсии Афғонистон доимо тағйир ёфта, бо дар назар доштани ноустуворӣ ва ҷангҳои давомдор дар давлати ҳамсоя, ҷараёни гурезагон аз ин давлат ба Тоҷикистон идома ёфт ва то имрӯз идома дорад. То соли 2008 шумораи гурезагон дар ҳудуди мамлакати мо каме афзуда, 1663 гуреза ва 443 паноҳҷӯ (дар маҷмуъ 2106 нафар) ба қайд гирифта шудаанд, ки асосан дар вилоятҳои Хатлон ва Суғд, инчунин шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ зиндагӣ мекарданд. Шумораи гурезаҳо ва паноҳҷӯён дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолатҳои солҳои 2000, 2004, 2008, 2017 ва 2020 мутобиқи замимаи 10 муайян карда мешавад.

117. Тавре ки аз замимаи 10 дида мешавад, пас аз соли 2008 шумораи гурезаҳо ва паноҳҷӯёни хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб 1000 нафар зиёд шудааст. Ин ба вазъи ноустувори афзоянда дар давлати ҳамсояи Афғонистон вобаста аст. Бо дар назар доштани он ки беш аз 97 фоизи гурезаҳо дар мамлакати мо шаҳрвандони Афғонистон мебошанд, ҳаргуна мунокишаи ҳарбии иловагӣ дар дохили ин давлат метавонад ҷараёни паноҳҷӯёнро дар Тоҷикистон афзоиш диҳад.

118. Аз соли 1995 инҷониб Ҷумҳурии Тоҷикистон бо масъалаҳои гурезаҳои хориҷӣ сару кор дорад ва ҳар сол шумораи муайяни онҳо бо додани шаҳодатномаи дахлдори гуреза ё паноҳҷӯ, ки таҳти ҳимояи давлат мебошад, мақоми расмии гуреза мегиранд. Мутобиқи замимаи 11 шумораи гурезаҳо барои давраи солҳои 1995-2022 муайян шудааст.

119. То соли 2017 дар Тоҷикистон тақрибан 2,7 ҳазор гуреза ва 400 паноҳҷӯ иқомат доштанд, ки аксарашон сокинони Афғонистон мебошанд. Ҳукумати кишвар якҷо бо намояндагии Комиссариати олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба гурезагон дар Тоҷикистон иқдомоти назаррасро барои таъмин намудани гурезагон бо манзилҳои истиқоматӣ ва доираи васеи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ёрии ҳуқуқӣ, дастрасӣ ба тандурустӣ ва таҳсилот таъмин менамояд.

120. Тибқи таҳқиқоте, ки соли 2017 Комиссариати олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба гурезагон дар Тоҷикистон гузаронид, 99,6 фоизи гурезагон шаҳрвандони Афғонистон буданд, ки нисфи онҳо мардон мебошанд. Як оилаи гурезаҳо, ки 0,4 фоизро ташкил медиҳад, аз Покистон ба Тоҷикистон омадааст.

Ду оилаи дигари гурезагон Украинаро намояндагӣ мекунанд. Зиёда аз 40 фоизи гурезагон дар Тоҷикистон кӯдакони то 18-сола мебошанд.

121. Гурезагон, ки аксарияти онҳоро занон ва кӯдакон ташкил медиҳанд, осебпазиртарин боқӣ монда, ба муҳофизат ва кумак ниёз доранд. Ҳарчанд шумораи гурезагон дар Тоҷикистон дар миқёси ҷаҳонӣ кам аст, аммо имрӯз мизбони бештарини гурезагон дар Осиёи Марказӣ мебошад.

122. Аксари гурезагон солҳои тӯлонӣ дар Тоҷикистон умр ба сар мебаранд ва дар ин муддат онҳо бо муваффақият мутобиқ шуда, ба ҷомеаи Тоҷикистон ҳамҷоя шуданд. Гурезагон дар Тоҷикистон ҳуқуқҳои васеъ доранд, онҳо ба беморхонаҳо дар сатҳи шаҳрвандӣ дастрасии тиббӣ доранд, 90 фоизи кӯдакони гуреза дар мактабҳо ва донишгоҳҳо таҳсил мекунанд, тибқи қонунгузории Тоҷикистон ба шуғл ва фаъолияти соҳибкорӣ ҳуқуқ доранд.

123. Дафтари Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба гурезаҳо ташаббусҳо оид ба таҳкими ҳамзистии осоиштаи гурезаҳоро бо кишварҳои қабулкунанда таблиғ мекунад. Бо ин мақсад 50/50 лоиҳаҳо амалӣ карда мешаванд, ки ҳам ба гурезагон ва ҳам ба кишварҳои мизбон манфиат меоранд.

124. Самти афзалиятноки фаъолияти дафтари Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба гурезаҳо ноил шудан ба сатҳи муносиби зиндагии гурезагон дар асоси баробар бо шаҳрвандони Тоҷикистон тавассути азхуд кардани он малакаҳое мебошад, ки ба онҳо талабот зиёд буда, дар бозори меҳнат рақобатпазир мебошанд ва ё ба фаъолияти даромаднок машғул шаванд. Гурезагон тавонистанд мавқеи худро дар шуғл пайдо кунанд, ба ҳайси механики мошин, сартарош, кафшергар, челонгар, ошпази каннод кор кунанд ва онҳое низ ҳастанд, ки дар тиҷорат кор мекунанд. Инчунин, шарикони дафтари мазкур гурезаҳоро ба тиҷорати меҳмонхонаҳо ҷалб мекарданд, зеро ин соҳаи шуғл оянадаи калон дорад.

### §7. Намудҳои дигари муҳоҷирати табиӣ

125. Бо дарназардошти ҳамаи намудҳои дар боло зикргардидаи муҳоҷирати аҳолӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври қонунӣ амал мекунанд, инчунин дар ҳудуди кишвар, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муҳоҷират" намудҳои дигар ва мафҳумҳои муҳоҷирати аҳолӣ муайян карда шудаанд, муҳоҷирати меҳнатии наздисарҳадӣ, коргари сарҳадӣ, муҳоҷирати оилавӣ, муҳоҷирати дастаҷамъӣ иборат мебошанд. Ин намудҳо ва хусусиятҳои онҳо аз ҷониби олимон ва таҷрибаомӯзон ҳанӯз омӯхта нашудаанд, гарчанде ки худи раванди ин ҳаракати муҳоҷират вуҷуд дорад ва бояд дар баробари дигар равандҳои муҳоҷират баррасӣ карда шавад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ин намудҳои муҳоҷират ва ворид намудан онҳо ба рӯйхати маълумоти оморӣ ба роҳ монда шаванд, то ки равандҳои муҳоҷирати давомдорро омӯхта ва пешгӯӣ карда тавонанд.

126. Муҳоҷирати меҳнатии наздисарҳадии шаҳрвандони хориҷӣ аз давлатҳои ҳамсоя ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давлатҳои ҳамсоя сурат мегирад ва идома дорад. Аз ин рӯ, ин самт бояд бо имзои Созишномаҳои байниҳукуматӣ бо давлатҳои ҳамсоя танзим карда шавад. Дар сатҳи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи убур ва будубоши шаҳрвандони давлатҳои ҳамсоя дар ҳудуди тарафҳо - дар минтақаҳои

наздисарҳадӣ то 10 рӯз қарор қабул карда шуд. Чунин шаҳрвандони хориҷии ҳаммарз ҳақ надоранд, ки тавассути ҳудуди давлати ҳамсоя минбаъд ҳаракат кунанд, зеро онҳо вайронкунандагони тартиби будубош дар кишвари дигар ҳисобида мешаванд. Бо вуҷуди ин, амалия нишон медиҳад, ки шаҳрвандони Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Афғонистон ва Хитой аслан ҳар рӯз дар ҳудуди тарафҳо бо муҳоҷирати меҳнатии сарҳадӣ машғуланд, аммо дар ин соҳа омори расмӣ ва ҳисобҳо мавҷуд нестанд. Дар робита ба ин, Ҳукумати кишварҳои аъзо бояд ин холигии мавҷудаи меъёрии ҳуқуқиро пурра такмил дода ва баҳисобгирии муҳоҷирати сарҳадиро роҳандозӣ намоянд.

127. Илова бар намудҳои дигар ва консепсияҳои танзимнашудаи муҳоҷирати аҳолӣ, ба мисли баъзе давлатҳои дигари хориҷии дуру наздик, муҳоҷирати дохилии меҳнатии шаҳрвандони ин кишварҳо дар Тоҷикистон низ амалӣ карда мешавад. Дар давраи истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, вақте ки давлат бо бӯҳрони иҷтимоию иқтисодӣ рӯ ба рӯ шуд, шаҳрвандони бекор маҷбур шуданд, ки барои ёфтани ҷойи кор аз деҳоти дур ба шаҳрҳои бузурги ватани худ муҳоҷират кунанд. Дар пойтахти ҷумҳурӣ шаҳри Душанбе то соли 2017 742000 нафар расман сабти ном шудаанд, ҳарчанд ки роҳбарияти шаҳр ва васоити ахбори омма борҳо қайд кардаанд, ки зиёда аз 1 миллион нафар дар пойтахт иқомат доранд ва боқӣ мондани чунин шумораи зиёди муҳоҷирони меҳнатии дохилӣ ҳалли масъаларо талаб мекунад.

128. Рақамҳои муқоисашаванда ҷараёни муҳоҷирати меҳнатии дохилиро тасдиқ мекунанд, ки ба истилоҳ бозори меҳнатии ғайрирасмӣ - "бозорҳои мардикор"-ро дар пойтахт ва марказҳои вилоятии ҷумҳурӣ ташкил медиҳанд. Аммо, барои танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии ин категорияи шаҳрвандони кишвар зарур аст, ки қонунгузорӣ мақоми ҳуқуқии онҳоро муайян намуда, барои иҷрои фаъолияти меҳнатии ин шаҳрвандони ҷумҳурӣ шароит фароҳам оварад.

## *3. РИСОЛАТ, ҲАДАФ ВА ВАЗИФАҲОИ СТРАТЕГИЯ*

### §1. Рисолат ва ҳадафи Стратегия

129. Стратегия ҳуҷҷати асосӣ барои амалисозии сиёсати давлатии муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мебошад.

130. Ҳадафи асосии Стратегия ин батанзимдарорӣ ва таъмини идоракунии давлатии равандҳои муҳоҷират, ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо, рушди институтсионалӣ ва истифодаи самараноки муҳоҷират дар соҳаи иҷтимоӣ, рушди иқтисодӣ ва инноватсионии кишвар маҳсуб меёбад.

131. Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки дар сурати ҳалли се мушкилоти асосии дар поён овардашуда, ки бисёр давлатҳо дар самти муҳоҷират дучор меоянд, натиҷаҳои дилхоҳ ба даст овардан ҳам барои давлатҳои интиқолдиҳанда ва ҳам барои давлатҳои қабулкунанда, инчунин барои худи муҳоҷирон манфиатнок аст:

- муайян кардани сиёсати давлатии муттасил, мақсаднок ва таъсирбахши муҳоҷират;
- таҳия ва амалисозии қонунгузории муосири миллӣ дар самти муҳоҷират ва рушди ҳамкориҳои байнидавлатӣ ва байниидоравӣ;

- таъсиси идоракунии давлатии равандҳои муҳоҷират ва таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо дар хориҷ ва дохили кишвар.

132. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли тамоми давраи истиқлолияти давлатӣ ҷиҳати ба тартиб даровардани равандҳои муҳоҷират ва таъмини ҳуқуқу манфиатҳои қонунии муҳоҷирон ва аъзои оилаҳои онҳо кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар асоси онҳо дар Стратегия ҳадафҳо ва вазифаҳо гузошта шудаанд.

## §2. Вазифаҳои Стратегия

133. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда ҳалли вазифаҳои зерин муайян карда шудааст:

1) дар робита ба танзими муҳоҷирати аҳолӣ дар ҷумҳурӣ:

- таҳия ва амалисозии барномаҳо ва фаъолиятҳое, ки ба танзими равандҳои муҳоҷирати аҳолӣ равона шудаанд;
- ба эътидол овардани равандҳои муҳоҷират, коҳиш ва рафъи ҳолати номуташаккилӣ дар он;
- муайян кардани иқтидори муҳоҷират, мониторинги ҳолати муҳоҷират ва пешгӯии рушди алтернативии муҳоҷират ва дар ин замина пайдо кардани роҳҳои мувофиқ барои пешгирии оқибатҳои манфии онҳо;
- ноил шудан ба азнавтақсимкунии оқилонаи аҳолӣ дар дохили ҷумҳурӣ, ки ба рушди афзалиятноки деҳот ва ноҳияҳои аз ҷиҳати стратегӣ муҳим, пешгирии таназзули шаҳрҳои хурду миёна ва шаҳракҳо ва маҳдуд сохтани афзоиши минбаъдаи минтақаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ хеле тараққикарда, вале дорои аҳолии аз ҳад зиёд равона гардидааст;
- амалисозии қарорҳо ва тадбирҳои ҳамаҷониба барои суръат бахшидани воридоти Тоҷикистон ба бозори меҳнати байналмилалӣ тавассути ноил шудан ба муҳоҷирати танзимшаванда ва қонунигардонидашудаи байнидавлатӣ;
- таъмини назорати дуруст аз болои равандҳои муҳоҷират тавассути ташкили низоми ягонаи назорати муҳоҷират;
- мониторинги рӯҳияи муҳоҷирати ҳамватанони этникӣ дар хориҷа, дастгирии имконпазири онҳо, ноил шудан ба кӯчонидани муташаккилона бо дарназардошти таъминоти захираҳои иқтидорӣмаъмурӣ, тайёр намудани ҷойҳо ва минтақаҳои сафарбарнамоӣ ва бокортаъминкунӣ ва ҳамгироии минбаъдаи онҳо;

2) тибқи стратегия ва барномаҳои мутобиқгардонӣ ва ҳамоҳангсозии равандҳои муҳоҷират:

- андешидани тадбирҳо оид ба рушди бозори мутамаддин ва муҳити рақобатӣ, ки ба рушди бомайлони соҳаҳои воқеии иқтисодиёт нигаронида шудаанд, тағйироти мусбати сохторҳои он, ки ҳамчун пойгоҳ ва заминаи ибтидоии афзоиши динамикии сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ хизмат мекунанд, ислоҳоти бозори дохилии меҳнат ва баланд бардоштани некуаҳволии тамоми аҳолӣ;
- ноил шудан ба рушди аз ҷиҳати миқёс мутавозун ва аз ҷиҳати иқтисодӣ устувори бахшҳои воқеӣ ва соҳаҳои иҷтимоӣ ҳамчун кафолат ва кафили муътадилии вазъи муҳоҷират;

- ташаккули муҳити пешрафтаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки барои аз байн бурдани зуҳуроте, ки ба рушди мусбати ҳолати муҳоҷират халал мерасонанд;
3) дар сиёсати хориҷӣ:
- таҳияи механизмҳои байнидавлатӣ оид ба расонидани кумак ва дастгирии ҳамаҷониба ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар хориҷа қарор доранд, аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо;
- таъмини воридшавии фаъолонаи Тоҷикистон ба бозори байналмилалии меҳнат ва васеъ намудани миқдори қувваи кории аз ҷумҳурӣ фиристодашаванда;
- рушди ҳамаҷонибаи ҳамкорӣ бо давлатҳои дигар, дар навбати аввал бо кишварҳое, ки дар онҳо шумораи зиёди шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатӣ анҷом медиҳанд;
- рушди муносибатҳои бисёрҷониба ва дуҷонибаи байнидавлатӣ бо мақсади таъмини шароити мусоид барои зиндагии ҳамватанони бурунмарзӣ;
- иштирок дар таҳияи созишномаҳои байналмилалӣ оид ба пешгирии муҳоҷирати ғайрирасмӣ;
- амалисозии ҳамкориҳои ҳамаҷониба дар самти муҳоҷират бо намояндагии Созмони Байналмилалии Муҳоҷират дар Тоҷикистон ва ташкилотҳои дигари байналмилалӣ ва ғайриҳукуматӣ;
- таҳия ва амалисозии тадбирҳои маҷмуӣ оид ба танзими афзалиятноки равандҳои муҳоҷират бо давлатҳои наздисарҳадӣ;
4) такмили заминаи меъёрӣ:
- таҳияи санадҳои нави меъёрии ҳуқуқӣ ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунанда, ки ба талаботи замони муосир ва тамоюлҳои рушди ҳаракати муҳоҷират мувофиқанд;
- таъмини озодии ҳаракат, интихоби манзил ва эҳтироми ҳуқуқ ва манфиатҳои муҳоҷирон;
- такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии мавҷуда, ки реҷаи вурудшавӣ ва баромадан аз ҳудуди ҷумҳурӣ ва будубоши шаҳрвандони хориҷиро бо мақсади иҷрои фаъолияти меҳнатӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ, саёҳат ва муҳоҷирати онҳоро бо сабабҳои оилавӣмаишӣ танзим мекунанд;
- муқовимат ба зуҳур ва паҳншавии тамоюлҳои манфии муҳоҷират ва падидаҳои терроризм ва экстремизми байналмилалӣ, ҷинояткории муташаккилонаи фаромиллӣ, хариду фурӯши одамон, хариду фурӯши занон барои алоқаи ҷинсии тиҷоратӣ ва шаклу намудҳои дигари муҳоҷирати ғайрирасмӣ;
5) таъминоти иттилоотӣ, таҳлилӣ ва илмии сиёсати муҳоҷират:
- таҳияи таҳқиқоти комплексии илмии бунёдӣ ва амалии равандҳои муҳоҷират ва дурнамои онҳо дар заминаи донишкадаҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ташкили маркази захиравӣ барои дастгирии таҳқиқоти сиёсати муҳоҷират, стратегия ва афзалиятҳо;
- ташкил, таъмин ва мониторинги вазъи муҳоҷират ва муайян кардани онҳо дар заминаи мушкилоти мубрам ва таҳияи тавсияҳо барои ҳалли онҳо;
- омӯхтан ва қабул намудани таҷрибаи пешқадами хориҷӣ дар танзими равандҳои муҳоҷират;

- ташкили низоми ягонаи давлатии бақайдгирии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки фаъолияташон бо ташкили сайёҳии байналмилалӣ алоқаманд аст, даъват кардани шаҳрвандони хориҷӣ ба ҷумҳурӣ ва фиристодани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳсил, табобат, аз рӯйи даъват ва бо мақсадҳои дигар;
- ташкили феҳристи ягонаи давлатии аҳолӣ, ки барои ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва таҳлили маълумот дар бораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян кардани вазъи муҳоҷират пешбинӣ шудааст;
- таҳия ва амалисозии постгоҳҳои низомҳои автоматиконидашудаи баҳисобгирӣ ва бақайдгирии шахсоне, ки сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро убур мекунанд;
- мунтазам огоҳ кардани аҳолӣ дар бораи вазъи муҳоҷират, ҳолат ва имкониятҳои бозори меҳнати байналмилалӣ, тағйирот дар қонунгузории давлати вуруд ва будубош;
6) сиёсати давлатии муҳоҷират ба принсипҳои асосии зерин асос ёфтааст:
- риояи қатъии меъёрҳои умумиҷаҳонии эътирофшуда дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон;
- таъмини кафолатҳои конститутсионии давлат барои ҳимояи шаҳрвандони Тоҷикистон берун аз ҳудуди он;
- рушди ҳамоҳанг ва динамикии бозори меҳнат, ноил шудан ба тавозуни он ва мувофиқат ба манфиатҳои давлатӣ;
- муносибати тафриқавӣ ба категорияҳои гуногуни иҷтимоию демографии муҳоҷирон.

### §4. Самтҳои асосии сиёсати муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон

134. Сиёсати муҳоҷирати давлатӣ тавассути таҳия ва амалисозии чораҳои дахлдори давлатӣ оид ба ҳалли мушкилоти муҳоҷират ва соҳаҳои марбута амалӣ гардида, механизмҳои асосии танзими равандҳои муҳоҷират аз амалӣ гардонидани чорабиниҳои зерин иборатанд:
- ноил шудан ба рушди устувор ва мутавозуни иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он, пеш аз ҳама тавассути амалисозии тадбирҳои пешбининамудаи Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030;
- баланд бардоштани сатҳи иҷтимоишавии аҳолӣ ва паҳн шудани арзишҳои пешрафтаи ахлоқию маънавӣ, талабот ва муқаррароте, ки ҳолати табиии муҳоҷиратро, ки ба манфиатҳои миллӣ ҷавобгӯ мебошанд, ташаккул медиҳанд;
- такмили қонунгузории миллӣ барои таъмини ҳуқуқҳо, озодиҳо ва манфиатҳои асосии муҳоҷирон.
135. Сиёсати давлатии муҳоҷират дар шаклҳои асосии зерин амалӣ карда мешавад:
- вуруди мутамаддин ба бозори байналмилалии меҳнат, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандони Тоҷикистон, ки берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ қарор доранд ва фаъолияти меҳнатӣ анҷом медиҳанд;
- таҳия ва амалисозии барномаҳои давлатӣ ва чорабиниҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва инкишофдиҳандаи соҳаҳои иҷтимоиёт, ки ба ташаккули

мутаносиб, босуръат ва баробари бозори меҳнати дохилӣ ва минтақавӣ равона гардидааст;
- кӯчонидани (муҳоҷирати) мутаносиби аҳолии ҷумҳурӣ бо рушди афзалиятноки деҳот, хусусан ноҳияҳои баландкчҳ ва наздисарҳадӣ, шаҳракҳои миёна ва хурд ва шаҳракҳои типи шаҳрӣ;
- таъмини ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия ва худидоракунии маҳаллӣ барои дастгирии ҳамаҷонибаи иқтисодӣ ва барқарорсозии инфрасохтори иҷтимоӣ дар деҳот, шаҳрҳои миёна ва хурд ва шаҳракҳои аҳолинишин, инчунин дар маҳалҳои аҳолинишин ва минтақаҳое, ки вазъи муташанниҷи муҳоҷират доранд;
- ҳалли мушкилоти мубрам дар ташаккули заминаҳои мувофиқ ва муҳити мусоиди муҳоҷират ва ҷаззобияти муҳоҷират дар саросари ҷумҳурӣ;
- такмили низоми баҳисобгирӣ, бақайдгирӣ, мониторинг, ташкили шуғли шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа;
- риояи уҳдадориҳои байналмилалӣ нисбати гурезагон, мусоидат ба ҳамгироии онҳо ба ҷамоатҳои маҳаллӣ, дастгирӣ ва расонидани кумаки ҳамаҷониба ба онҳо;
- такмили бахши сайёҳӣ, ҷалб ва истифодаи афзалиятноки захираҳои меҳнатии маҳаллӣ дар ширкатҳои хориҷие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти иқтисодӣ мебаранд;
- ташкили низоми таъминоти маъмурӣ, илмӣ ва иттилоотии равандҳои муҳоҷират ва тайёрии касбии кадрҳои дахлдор.

136. Дар ниҳояти кор, баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ ва танзими равандҳои муҳоҷират баҳри ноил шудан ба рушди босуръати устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ, баланд бардоштани вазъи демографии аҳолӣ ва сифати зиндагии мардум, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва пешгирии таҳдидҳо ба амнияти миллӣ равона карда шудааст.

## *4. УСУЛҲО ВА ХУСУСИЯТҲОИ СТРАТЕГИЯ*

137. Дар марҳилаи кунунӣ Стратегия бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ, инчунин бо стратегияҳое дигаре, ки ҳалли мушкилотро дар самти муҳоҷират пешбинӣ мекунанд, робитаи бевосита дорад.

138. Пеш аз ҳама, зикр кардан зарур аст, ки муқаррароти Стратегия аз меъёрҳои асосие иборатанд, ки дар Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳимояи ҳамаи ҳуқуқҳои меҳнаткашон-муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо дарҷ гардидаанд (аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 ноябри соли 2001, №462 ба тасвиб расидааст). Бо дар назар доштани ин, Стратегия ҳалли маҷмуи масъалаҳоеро оид ба риояи ҳуқуқ ва озодиҳои муҳоҷирон, роҳ надодан ба ҳама гуна шаклҳои табъиз, таъмини амният, ба танзим даровардан ва қонуникунонии муҳоҷират, таъмини дастрасии ҳимоя ва кумакҳо аз ҷониби муассисаҳои консулӣ ва дипломатии давлатҳои аслӣ, ҳифзи манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, миллӣ ва манфиатҳои дигари муҳоҷирон, расонидани ҳамагуна ёрии тиббӣ дар ҳолатҳои ниҳоят ба ҳаёт зарурӣ ё ба хотири пешгирӣ намудани осебрасонӣ ба саломатӣ, ташкили шароити бемонеа интиқол додани маблағҳои музди меҳнат ва пасандозҳои муҳоҷирон ва як

қатор муқаррароти дигари марбут ба ҳифзи иҷтимоӣ-ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳоро пешбинӣ менамояд.

139. Стратегия муқаррароти конвенсияҳои дигари байналмилалиро дар самти муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расонида шудаанд, пешбинӣ менамояд, ки давлатҳои аъзои Конвенсияҳои байналмилалиро ба рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирон, новобаста аз миллат, нажод, дин ё ҷинси муҳоҷирон, даъват менамоянд, аз ҷумла:

- Конвенсияи 97 дар бораи коргарони муҳоҷир (таҳрири соли 1949);
- Конвенсияи 143 дар бораи суиистифода дар самти муҳоҷират ва таъмини имконият ва муносибати баробар барои муҳоҷирони меҳнатӣ;
- Конвенсияи 122 оид ба сиёсати шуғл;
- Конвенсияи 181 дар бораи агентҳои хусусии шуғл.

140. Стратегияи муаррифишуда бо Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2022, №263 қабул шудааст, робитаи мустақим дорад, ки дар он муҳоҷирати меҳнатии хориҷии шаҳрвандони Тоҷикистон нақши муҳим дорад. Дар Консепсияи зикршуда қайд гардидааст, қабули Стратегияи мазкур ва ҷорӣ намудани таҷрибаи амалисозии барномаҳои миёнамуҳлати муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ба мақсад мувофиқ аст. Яке аз самтҳои афзалиятноки Стратегияи мазкур бояд фаъолияти мақсадноки мақомоти дахлдори давлатӣ ҷиҳати таъмини ҷалби одилонаи муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҷониби корфармоён дар кишвари фаъолияти меҳнатии онҳо, аз он ҷумла таъмини иҷтимоии раванди истифодаи қувваи корӣ бошад.

141. Стратегияи таҳияшуда бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то 2030 низ робита дорад, ки дар он муҳоҷирати меҳнатии беруна ҳамчун яке аз афзалиятҳои бахши шуғли истеҳсолӣ нишон дода шудааст.

142. Масъалаҳои матраҳгардида дар Стратегия, аз ҷумла ба танзим даровардани таъминоти иҷтимоӣ, расонидани кумакҳои иҷтимоӣ, хизматрасонии тиббӣ, таҳсилоти фарзандони муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишвари қабулкунанда, нигоҳ доштани арзишҳои миллию фарҳангӣ ва монанди инҳо метавонанд зимни таҳияи стратегияҳо ва барномаҳои давлатии дигар соҳаҳои алоқаманд ба назар гирифта шаванд.

143. Стратегия дар муқоиса бо Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳимояи ҳамаи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо, инчунин мустақиман бо Консепсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2001, №242 қабул шудааст, алоқаманд буда, асосҳои муҳоҷирати меҳнатии беруна, зарурати таҳияи сиёсат ва ҳадафҳои минбаъдаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва стратегии давлатро дар робита бо масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ инъикос мекунад.

144. Хусусият ва ягонагии Стратегия дар он аст, ки бо ташаббуси Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал дар доираи як Стратегия ҳамаи намудҳои муҳоҷирати аҳолӣ мавриди баррасӣ

қарор гирифтанд, ки мутобиқ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешаванд. Ин бори аввал дар амалияи байналмилалӣ рух медиҳад, вақте ки ҳамаи масъалаҳои муҳоҷират тавассути як Стратегияи ягона дар маҷмуъ баррасӣ мешаванд ва ин ниятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои ба низом овардани ҷараёни муҳоҷират ва таъмини муҳоҷирати бехатар ва қонунӣ тасдиқ мекунад. Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки бори аввал дар як давлати муайян дар бораи муносибати маҷмуӣ ба иҷрои вазифаҳое, ки дар назди давлат вобаста ба муҳоҷирати аҳолӣ гузошта шудаанд, қарори дахлдор қабул карда шудааст.

145. Ғайр аз ин, хусусияти дигари Стратегия дар он аст, ки дар шаш марҳила натиҷагирии фаъолият оид ба амалисозии муқаррароти ин ҳуҷҷат ба нақша гирифта шудааст. Яъне, натиҷаҳои корҳои муштарак аз рӯйи натиҷаҳои ҳар се соле, ки дар нақшаи чорабиниҳо муайян карда шудаанд, ки қаблан дар амал дучор наомада буданд, амалӣ карда мешаванд.

146. Дар Стратегия метавон баъзе сенарияҳои эҳтимолии рӯҳафтодагӣ ва хушбинонаро вобаста ба масъалаҳои муҳоҷирати аҳолӣ баррасӣ кард, ки имкон медиҳанд, то ҷараёни ҳодисаҳои ба амаломада дуруст муайян карда шуда, саривақт ба ин равандҳо бо мақсади пешгирӣ намудани хатарҳо ҷиҳати амалисозии Стратегия вокуниш нишон дода шавад. Сенарияҳои имконпазири рӯҳафтодагӣ ва рӯҳбаландӣ марбут ба хавфҳои амалисозии Стратегия мутобиқи замимаи 11 муайян гардидааст.

147. Дар замимаи 12 хавфҳои овардашуда дар самти муҳоҷират, ки дар сурати диққати зарурӣ ба ҳалли саривақтии мушкилоти ин соҳа ба амал омада метавонанд, ба таври ҷадвал инъикос ёфтааст.

148. Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳоҷират ба пешгирии афзоиши муҳоҷирати ғайрирасмӣ ва бенизом дар асоси ташаккули заминаи дахлдори меъёрию ҳуқуқӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди ҳуқуқӣ, шуғли муҳоҷирон ва будубоши минбаъдаи қонунии онҳо, дастгирии иҷтимоии оилаҳои партофташудаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва муҳоҷирони меҳнатии осебпазир (онҳое, ки депортатсия шудаанд), иштирок дар ин раванди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, ғайриҳукуматӣ, ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои дигар бо мақсади таъмини муҳоҷирати бехатар, мураттаб, қонунӣ ва ҷорӣ намудани қонуният дар фазои муҳоҷират равона шудааст.

## *5. АФЗАЛИЯТҲО ВА НАТИҶАҲОИ НОИЛШАВАНДА*

149. Барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳое, ки дар доираи Стратегия гузошта шудаанд, амалисозии сиёсати давлатии муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини идоракунии давлатии равандҳои муҳоҷират афзалиятҳои асосии миллии зерин муайян карда шуданд:

1) дар танзими равандҳои муҳоҷират:

- ташаккули низоми самарабахши танзими равандҳои муҳоҷират тавассути афзоиш додан, таҳкими иқтидор ва мақоми Хадамоти муҳоҷират дар назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, таҷҳизоти техникии он ва дастгирии дахлдори илмӣ-иттилоотӣ ва молиявӣ;
- такмили заминаи ҳуқуқии миллӣ ва меъёрии муҳоҷират;

- таҳия ва амалисозии механизмҳои муассири бозор дар самти рафъ ва кам кардани миқёси муҳоҷирати стихиявӣ ва азнавтақсимкунии (кӯчонидани) оқилонаи аҳолӣ дар минтақаҳо;
- тақвият бахшидани фаъолиятҳо барои воридшавӣ ба бозори байналмилалии меҳнат ва ҷустуҷӯии корфармоёни эҳтимолӣ;
- таъмини тавозуни бозори меҳнати миллӣ, аз ҷумла бо дарназардошти истифодаи афзалиятноки захираҳои меҳнатии маҳаллӣ дар ширкатҳои хориҷие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти хоҷагидорӣ мекунанд;
- пешгирии муҳоҷирати ғайрирасмӣ тавассути таҳия ва ташкили низоми ягонаи назорати муҳоҷират ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ;
- таъсис ва ҷорӣ намудани ҳавасмандгардонии самараноки иқтисодӣ барои кӯчонидани оқилонаи аҳолӣ, пешгирӣ намудани нобаробарӣ дар кӯчонидани номуташаккили аҳолӣ, ки ба тақвият додани шиносоиҳои иҷтимоию иқтисодӣ, демографӣ, экологӣ ва захираҳои меҳнатӣ дар минтақаҳо ва маҳалҳои аҳолинишини муайян монеагӣ эҷод менамоянд;
2) дар беҳтар намудани муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ:
- ҳимояи ҳуқуқии муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо, барқарор намудани робитаҳои корӣ бо мақомоти маҳаллӣ, ки бо мушкилоти муҳоҷирони меҳнатӣ сарукор доранд, инчунин иттиҳодияҳои корфармоён дар минтақаҳои кишварҳое, ки шаҳрвандони Тоҷикистон асосан кор мекунанд;
- таҳия ва амалисозии меъёрҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сармоягузорӣ, экологӣ, меҳнатӣ ва меъёрҳои дигари асосноккунии квотаҳои меҳнатии муҳоҷират бо мақсади ҳифзи бозори миллии меҳнат;
- пурзӯр намудани фаъолият оид ба ҷустуҷӯии корфармоён дар хориҷа ва ворид шудан ба бозори меҳнати байналмилалии кишварҳои хориҷи дур;
- андешидани тадбирҳои муассир оид ба ташкили таъминоти иҷтимоӣ ва дастгирии давлатии муҳоҷирони осебпазир, аз ҷумла оилаҳои партофташудаи муҳоҷирони меҳнатӣ, ба хусус кӯдакон дар дохил ва хориҷи кишвар;
- баррасии масъалаи таъсис додани фондҳои дастгирии иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ (бо шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ) дар дохил ва хориҷи кишвар;
3) дар тақвият бахшидан ва самаранокии равандҳои муҳоҷирати дохилӣ:
- ба амал баровардани тадбирҳои коҳиш додан ва муътадил гардондани харакати ғайриоқилонаи муҳоҷирати дохили ҷумҳуриявӣ;
- амалисозии маҷмуи чорабиниҳо оид ба рушди босуръати бахши кишоварзии иқтисодиёт ва муҳити иҷтимоию фарҳангии деҳот;
- эҳёи шаҳрҳои миёна, хурд ва шаҳракҳо тавассути барқарорсозӣ ва таҳкими заминаҳои шаҳрсозӣ;
- таҳия ва амалисозии чораҳое, ки воруди аҳолиро ба шаҳрҳои калони дорои иқтидори маҳдуди захиравӣ ва махсусан пойтахти ҷумҳурӣ пешгирӣ мекунанд;
- таъмини ҳамкории наздики мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати дохилӣ;

- таҳия ва амалисозии механизмҳои ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ва сафарбаркунии иҷтимоӣ барои пешгирии пайдоиши равандҳои номуташаккили муҳоҷират;
- ҷустуҷӯ ва ҷалби грантҳои хориҷӣ барои ҷорӣ намудан ва амал кардани феҳристи ягонаи автоматиконидашудаи давлатии аҳолӣ;
4) дар беҳтар намудани ҷараёнҳои муҳоҷирати байнидавлатӣ:
- такмил додани таҷриба ва амалияи ҷорӣ намудани баҳисобгирии пурра ва бақайдгирии шахсоне, ки аз ҷумҳурӣ баромада мераванд ва аз хориҷа меоянд;
- таъмини шароити иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар самти пешгирӣ аз муҳоҷирати ғайрирасмӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва таъмини амнияти давлатӣ;
- таҳия ва амалисозии низоми муассири назорати байниидоравӣ оид ба риояи қонунгузории муҳоҷират;
- таҳияи созишномаҳои нави байниҳукуматӣ дар самти муҳоҷират.
5) ҳангоми мусоидат ба бозгашти ихтиёрии ҳамватанон (тоҷикони этникӣ) аз кишварҳои дигар, мутобиқшавӣ ва ҳамгироии онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастгирӣ ва рушди муносибатҳо бо ҳамватанони бурунмарзӣ:
- таҳия ва амалисозии Барномаи давлатии дастгирии ҳамватанони бурунмарзӣ;
- мониторинги вазъ ва ҳолати муҳоҷирати ҳамватанони бурунмарзӣ ва огоҳ кардани онҳо дар бораи омодагӣ ба қабул дар ҷумҳурӣ;
- рушди ҳамкориҳои наздисарҳадӣ бо кишварҳои ҳамсоя барои амалисозии лоиҳаҳои муштараки иқтисодӣ ва фарҳангӣ барои дастгирии ҳамватанон, мусоидат ба тамосҳои бемамониат ва мулоқотҳои мунтазам дар заминаи робитаҳои оилавӣ, хонагӣ ва тиҷорӣ;
- таъмини ҳамватаноне, ки аз хориҷа меоянд, бо ҳуқуқҳои афзалиятнок ва квотаҳо барои таҳсил дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ;
- таъмини адабиёти таълимӣ ва адабиёти дигар, инчунин баробариҳо бо давлатҳои истиқомати доимии онҳо бо ҷойи кор, ҷой дар донишгоҳҳо ва ғайра;
6) ҳангоми фароҳам овардани шароити мувофиқ барои қабул, ҳамгироӣ ва ихтиёран ба ватани худ баргардонидани гурезагон:
- таъмини афзалиятноки иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати гурезагон;
- фароҳам овардани шароити мувофиқ барои шароити иҷтимоӣ ва зиндагии гурезагон, ҳамгироии онҳо ба ҷомеаҳои маҳаллӣ, риояи ҳуқуқҳо, озодиҳо ва манфиатҳои онҳо.

## *6. МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ АМАЛИСОЗИИ СТРАТЕГИЯ*

150. Мониторинг ва арзёбӣ унсури муҳимми амалисозии Стратегия ва заминаи иттилооти боэътимод ва ҳисоботдиҳӣ дар бораи натиҷаҳои бадастомада дар амалисозии ин санад мебошанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва шарикони дигар натиҷаҳои фаъолияти муштаракро оид ба амалисозии муқаррароти Стратегия, ки аз Нақшаи амали таҳияшуда бармеоянд, назорат ва арзёбӣ мекунанд.

151. Дар амалисозии Стратегия принсипҳои асосии мониторинг ва арзёбӣ, масъалаи ташкили муколама бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва шарикони рушд бо дарназардошти мақсад, ҳадафҳо ва афзалиятҳои ягона оид ба ҳалли мушкилот дар самти муҳоҷирати аҳолӣ, инчунин мониторинги вазъи муҳоҷирони осебпазир ва оилаҳои партофташудаи муҳоҷирони меҳнатӣ аҳамияти махсус дорад.
152. Мониторинги умумӣ ва арзёбии натиҷаҳои Стратегия ҳар сол дар шакли таҳияи муаррифнома (муаррифии рунамо) баррасӣ карда мешавад, ки қоидаҳо ва тартиби он бо мувофиқаи тарафҳо муайян карда мешаванд. Ҳамзамон, бо мақсади ҷорӣ намудани механизми самарабахши ҳамкорӣ, ҷонибҳои манфиатдор - иштирокчиёни раванд, аз рӯи натиҷаҳои шашмоҳа ва солона фаъолияти худро оид ба иҷрои Нақшаи амал арзёбӣ намуда, ба мақомоти ваколатдори давлатӣ дар самти муҳоҷират маълумотро бо дар назар доштани он мушкилоти ҳалношуда ва қадамҳои минбаъдаи ҷиҳати иҷрои вазифаҳои гузошташуда пешниҳод мекунанд.
153. Бояд зикр кард, ки масъалаҳои муҳоҷирати аҳолӣ бояд васеътар баррасӣ карда шаванд, зеро онро ба маънои том ба ҳамаи сохторҳои Ҳукумат ва шарикони рушд, аз ҷумла ҷомеаи шаҳрвандӣ рабт доранд. Дар асоси ин, аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои марбутаи ҷумҳурӣ ва шарикон таъсиси як гурӯҳи кории доимӣ дар сатҳи роҳбарони шуъбаҳое, ки бо масъалаҳои муҳоҷирати аҳолӣ машғуланд, мувофиқи мақсад дониста мешавад.
154. Мониторинг ва арзёбӣ барои амалисозии Нақшаи амали Стратегия муҳим буда, ҳамкории босифат ва самарабахши мақомоти давлатӣ ва шарикони дигарро таъмин менамояд. Принсипҳои асосии мониторинг ва арзёбии Стратегия барои таъмини арзёбии мустақил, шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ, ба даст овардани натиҷаҳо ва афзалиятҳои Стратегия, истифодаи усулҳои муосири мониторинг, инчунин эҷоди алоқаи доимӣ байни ҷонибҳои манфиатдор баррасӣ карда мешаванд.
155. Дар ҷараёни мониторинг ва арзёбӣ низоми нишондиҳандаҳо аҳаммияти махсус дорад, ки он имкон медиҳад пайгирии самаранокӣ ва самаранокии тадбирҳои сиёсатгузории дар Стратегия пешбинишударо таъмин намояд.
156. Таҳлили иттилооте, ки ҳангоми мониторинг ва арзёбии сиёсат дар доираи Стратегия ҷамъоварӣ карда мешавад, аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни раванди мониторинг ва арзёбӣ дар доираи салоҳияти худ бо ҳамоҳангсозии мустақими Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мақоми ваколатдор дар ҳалли мушкилоти муҳоҷират мебошад, амалӣ карда мешавад.
157. Тартиб ва шакли ҳисоботдиҳӣ аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни раванди мониторинг ва арзёбӣ аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Ҳисоботи солона на дертар аз 1 марти соли навбатии ҳисоботӣ пешниҳод карда мешаванд.
158. Бо мақсади иҷрои вазифаҳои ба зиммаи мақоми ваколатдори давлатӣ вогузоргардида оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳамаи иштирокчиёни ҷараёни мониторинг ва арзёбии Стратегия, вобаста ба зарурат, аммо на камтар

аз як маротиба дар ҳар нимсола Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи шахсони масъули вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷаласаҳо доир менамояд. Барои ноилшавӣ ба ҳадафҳо оид ба амалисозии муқаррароти Стратегия ҷамъбасти кори якҷоя дар шаш марҳила аз рӯи натиҷаҳои фаъолияти сесола, яъне оид ба ҷамъбасти кор дар солҳои 2023-2025, 2026-2028, 2029-2031, 2032-2034, 2035-2037 ва 2038-2040 муайян карда мешаванд.

159. Ҳисоботҳои омодагардидаи нимсола, солона ва сесола, инчунин, маълумот оид ба натиҷаҳои ҷаласаҳои роҳбарони вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тибқи тартиби муқарраршуда ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд.

## *7. МАБЛАҒГУЗОРИИ СТРАТЕГИЯ*

160. Амалишавии афзалияту чорабиниҳои Стратегия аз ҳисоби ҳамаи намудҳои сарчашмаҳои маблағгузорӣ таъмин мегардад. Сарчашмаҳои маблағгузории чорабиниҳои Стратегия маблағҳои буҷети давлатӣ, шарикони рушдро дар бар гирифта, инчунин дар амалӣ гардидани нақшаи чорабиниҳои он метавонанд сарчашмаҳои дигари маблағгузорӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, истифода бурда шаванд.

## *8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ*

161. Стратегия дар шаш марҳила дар асоси нақшаҳои миёнамуҳлати амал барои солҳои 2023-2025 (замима карда мешавад), солҳои 2026-2028, 2029-2031, солҳои 2032-2034, солҳои 2035-2037 ва солҳои 2038-2040 амалӣ карда мешавад.

162. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ва шарикони рушд механизми мониторинги иҷрои Стратегияро амалӣ мекунад.

Замимаҳои 1-12

Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 июни соли 2023, №309

**Нақшаи амали солҳои 2023-2025-и Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040**

Замима

Замимаи 1

ба Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират
дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
барои давраи то соли 2040

Муҳоҷирати байнидавлатии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
дар давраи солҳои 2010-2021 (ҳазор нафар)

| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи ворид-шудагон | 1,3 | 1,0 | 1,1 | 0,7 | 0,6 | 0,6 | 0,5 | 0,4 | 0,3 | 0,3 | 0, 1 | 0,3 |
| Шумораи беруншудагон | 5,4 | 4,0 | 4,2 | 3,5 | 3,3 | 2,9 | 2,8 | 2,2 | 2,4 | 9,7 | 1,2 | 1,4 |
| Фарќият | -4,1 | -3,0 | -3,1 | -2,8 | -2,7 | -2,3 | -2,3 | -1,8 | -2,1 | 9,4 | -1,1 | -1,1 |

Замимаи 2

ба Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040

Шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои кор ба хориҷа рафтаанд ва шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки вурудашон манъ мебошад (дар солҳои 2014-2022)

| Солҳо | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ | 670806 | 552596 | 517308 | 487757 | 484176 | 530883 | 129807 | 373773 | 775 578 |
| Шумораи шаҳрвандоне, ки воридшавиашон манъ шудааст | 202004 | 333122 | 284207 | 181127 | 240749 | 267324 | 286442 | 153986 | 166250 |

Замимаи 3

ба Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040

Муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла занон ба хориҷа дар давраи солҳои 2011 – 2022

| Солҳо | Шумораи рафти муҳоҷирони меҳнатӣ (ҳазор нафар) | Аз ҷумла занон (шумора ва %) |
|---|---|---|
| 2011 | 750391 | 86733 (11,5%) |
| 2012 | 744360 | 87015 (11,6%) |
| 2013 | 799698 | 100875 (13,8%) |
| 2014 | 670806 | 106416 (15,8%) |
| 2015 | 552596 | 64667 (11,7%) |
| 2016 | 517308 | 81851 (15,6%) |
| 2017 | 487757 | 68036 (15,2%) |
| 2018 | 484176 | 64512 (14,1%) |
| 2019 | 530883 | 77013 (14,9%) |
| 2020 | 129807 | 16880 (13%) |
| 2021 | 373 773 | 49 174 (13,1) |
| 2022 | 775 578 | 121 162 (15,6) |

Замимаи 4

ба Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират
дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
барои давраи то соли 2040

Шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунанд дар давраи солҳои 2011-2022 (нафар)

| № р/т | Муҳоҷи-рони хориҷӣ | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ҳамагӣ | 4069 | 5211 | 6000 | 7668 | 10218 | 11330 | 6645 | 6590 | 6700 | 4743 | 5777 | 5716 |
| 2. | Мардҳо | 3846 | 4898 | 5387 | 5461 | 6687 | 6765 | 4059 | 3727 | 3948 | 2765 | 3436 | 5188 |
| 3. | Занҳо | 223 | 313 | 613 | 2207 | 3531 | 4565 | 2586 | 2863 | 2752 | 1978 | 2341 | 528 |

Замимаи 5

ба Стратегияи танзими
равандҳои муҳоҷират
дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
барои давраи то соли 2040

Таҳлили муқоисавии берун кардан ва депортатсияи муҳоҷирони хориҷӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2013, 2018-2019 (нафар)

| № р/т | Тадбирҳои пешгирикунанда | Соли 2012 шумораи шаҳрвандони хориҷӣ 5211 | Соли 2013 шумораи шаҳрвандони хориҷӣ 6000 | Соли 2018 шумораи шаҳрвандони хориҷӣ 6590 | Соли 2019 шумораи шаҳрвандони хориҷӣ 6700 |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Берун кардан | 1659 | 2923 | 152 | 62 |
| 2. | Депортатсия | 157 | 292 | 26 | 29 |

Замимаи 6

ба Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират
дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
барои давраи то соли 2040

Шумораи хоҷагиҳои кӯчонидашудаи муҳоҷирони экологӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2000-2022



Замимаи 7

ба Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират
дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
барои давраи то соли 2040

Маълумот оид ба кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2016-2022 (шумораи оилаҳо)

| № р/т | Номгӯйи ҳудудҳои маъмурӣ | 2016 Нақша/ иҷро | 2017 Нақша/ иҷро | 2018 Нақша/ иҷро | 2019 Нақша/ иҷро | 2020 Нақша/ иҷро | 2021 Нақша/ иҷро | 202 Нак иҷр |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | 46/46 | 46/46 | 59/59 | 53/53 | 49/40 | 8/8 | 7/7 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2 | вилояти Хатлон | 190/190 | 158/158 | 146/146 | 147/139 | 133/133 | 86/67 | 88/8 |
| 3 | вилояти Суғд | 59/59 | 37/37 | 37/37 | 41/41 | 41/41 | 54/54 | 60/5 |
| 4 | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 105/105 | 92/92 | 99/99 | 94/86 | 102/102 | 62/40 | 66/5 |
| 5 | шаҳри Душанбе | | 16/16 | 16/16 | 16/16 | 18/18 | | |
| 6 | Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ | 400/400 | 349/349 | 357/357 | 351/335 | 343/334 | 210/169 | 221. |

Замимаи 8

ба Стратегияи танзими
равандҳои муҳоҷират
дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
барои давраи то соли 2040

Маълумот дар бораи муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2001-2005

(шумораи оилаҳо)

| № р/т | Номгӯйи ҳудудҳои маъмурӣ | 2001 Нақша/ иҷро | 2002 Нақша/ иҷро | 2003 Нақша/ иҷро | 2004 Нақша/ иҷро | 2005 Нақша/ иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон | 50/50 | 174/174 | - | 151/- | 150/- |
| | вилояти Суғд | - | - | 150/150 | 736/17 | 734/5 |
| 2 | вилояти Хатлон | | 155/155 | 26/26 | 55/52 | 581/581 |
| 4 | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | - | - | 24/24 | 44/6 | 44/37 |
| 5 | шаҳри Душанбе | - | - | - | - | 3/3 |
| 6 | Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ | 50/50 | 329/329 | 200/200 | 986/75 | 1512/626 |

Замимаи 9

ба Стратегияи танзими
равандҳои муҳоҷират
дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
барои давраи то соли 2040

Маълумот оид ба кӯчонидани муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2016-2022

(шумораи оилаҳо)

| № р/т | Номгӯйи ҳудудҳои маъмурӣ | 2016 Нақша/ иҷро | 2017 Нақша/ иҷро | 2018 Нақша/ иҷро | 2019 Нақша/ иҷро | 2020 Нақша/ иҷро | 2021 Нақша/ иҷро | 2022 Нақша/ иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | - | 4/0 | 3/3 | 24/24 | 24/24 | 24/15 | 15/15 |
| 2 | вилояти Хатлон | 218/218 | 241/150 | 247/237 | 107/107 | 115/115 | 108/83 | 188/188 |
